# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО

(Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 610, аз 03.07.2012 № 867)

Қонуни мазкур шарт ва тартиби иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ, санадҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат доранд ба шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ӯҳдадории ба манфиати дигар шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ё ба буҷети дахлдор супоридани маблағҳои пулӣ ва (ё) дигар молу мулк ё ба фоидаи онҳо содир намудани амалҳои муайян (худдорӣ намудан аз содир намудани амалҳои муайян)-ро вогузор намоянд, муқаррар мекунад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## БОБИ 1. АСОСҲОИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО

### Моддаи 1. Вазифаҳои истеҳсолоти иҷро

Вазифаҳои истеҳсолоти иҷро иҷрои ҳатмӣ ва саривақтии маҷбурии санадҳои судӣ оид ба баҳсҳои гражданӣ ва иқтисодӣ, ҳукм ва қарорҳои вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми даъвои гражданӣ, ситонидани ҷарима ва мусодираи молу мулк, инчунин дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур иҷро намудани санадҳои дигар мақомот мебошанд (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

### Моддаи 3. Амали қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро дар замон

1. Истеҳсолоти иҷро мувофиқи қонунгузорие, ки дар вақти иҷро амал мекунад, анҷом дода мешавад.

2. Истеҳсолоти иҷро оид ба ситонидани қарзҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, рӯёнидани ноустуворона оид ба сари вақт насупоридани ҷарима ва дигар муҷозот барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва мувофиқи қонунгузории андозу гумрук ба амал баровасрда мешавад.

### Моддаи 3(1). Принсипҳои истеҳсолоти иҷро

*(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867)*

Истеҳсолоти иҷро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- қонуният;

- сари вақт гузаронидани амалҳои иҷро ва татбиқи чораҳои иҷрои маҷбурӣ;

- эҳтироми қадр ва номуси шаҳрванд;

- дахлнопазирии ҳадди ақали молу мулки барои зиндагии шаҳрванди қарздор ва аъзои оилаи ӯ зарур;

- мутобиқати ҳаҷми талаботи ситонанда ва чораҳои иҷрои маҷбурӣ (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## Моддаи 4. Мақомоти иҷрои маҷбурӣ

1. Иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои судии дигар давлатҳо ба зиммаи иҷрочиёни суд гузошта мешавад. Иҷрои санадҳои судие, ки қарздорро барои содир намудани амалҳои муайян (худдорӣ намудан аз содир намудани амалҳои муайян) ӯҳдадор менамоянд, аз ҷониби судҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии гражданӣ, мурофиавии иқтисодӣ ва Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомот оид ба ситонидани маблағи пулӣ, инчунин аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

## Моддаи 5. Номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷро

1. Ҳуҷҷатҳои иҷро инҳо мебошанд:

- варақаҳои иҷро, ки дар асоси санадҳои судӣ дода мешаванд;

- созишномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда оид ба пардохти алимент;

- навиштаҷотҳои иҷроия, ки аз ҷониби нотариусони давлатӣ ва шахсони мансабдори муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд;

- фармони судӣ;

- шаҳодатномае, ки дар асоси қарори комиссия оид ба баҳсҳои меҳнатӣ дода шудааст;

- қарорҳое, ки аз ҷониби мақомоти (шахсони мансабдори) ваколатдори баррасикунандаи парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бароварда шудаанд;

- варақаҳои иҷро, ки судҳо дар асоси ҳалномаҳои судҳои ҳакамӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд;

- варақаҳои иҷро, ки судҳо дар асоси ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо) медиҳанд;

- талаботи мувофиқи тартиби муқарраркардашуда барасмиятдаровардашудаи мақомоти вазифаи назоратидошта дар бораи ситонидани маблағ бо қайди бонк ва ташкилоти дигари кредитӣ оид ба пурра ва ё қисман иҷро нагардидани ситониш бо сабаби набудани маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби қарздор, ки талаботи ситонандаро пурра қонеъ намегардонад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари иҷрои ҳуҷҷати иҷроро муқаррар накарда бошад;

- қарори прокурор оид ба тартиби маъмурӣ кӯчонидани шаҳрвандоне, ки биноро худсарона ишғол кардаанд ё дар биноҳое истиқомат мекунанд, ки хавфи фурӯравӣ доранд;

- қарорҳои мақомоти дигар дар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда.

2. Дар ҳолати гум кардани ҳуҷҷати иҷро барои ситониш дубликати он, ки аз тарафи суд ё мақомоти дигаре, ки санади дахлдорро баровардааст, дода мешавад, асос шуда метавонад.

## Моддаи 6. Мӯҳтавои ҳуҷҷати иҷро

1. Дар ҳуҷҷати иҷро бояд маълумотҳои зерин зикр гарданд:

- номи суд ва ё мақомоти дигаре, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст;

- парванда ва маводе, ки вобаста ба он ҳуҷҷати иҷро дода шудааст ва рақамҳои онҳо;

- санаи баровардани санадҳои судӣ ё санадҳои мақомоти дигаре, ки бояд иҷро гардад;

- номи ситонанда-шахси ҳуқуқӣ ва қарздор-шахси ҳуқуқӣ ва суроғаи онҳо;

- ном, номи падар ва фамилияи ситонанда-шахси воқеӣ ва қарздор-шахси воқеӣ, маҳалли истиқомати онҳо, таърихи рӯз, ҷои таваллуди қарздор-шахси воқеӣ ва ҷои кори вай;

- қисми хулосавии санадҳои судӣ ё санадҳои мақомоти дигар;

- санаи эътибори қонунӣ пайдо намудани санадҳои судӣ ё санадҳои мақомоти дигар;

- санаи додани ҳуҷҷати иҷро ва мӯҳлати пешниҳоди он барои иҷро.

2. Мӯҳтавои фармон мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 130 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3. Мӯҳтавои созишномаи ба таври нотариалӣ тасдиқгардида оид ба пардохти алиментҳо мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаҳои 100 ва 101 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷистон муайян карда мешавад.

4. Хуҷҷати иҷро, ки дар асоси санади судӣ дода шудааст, бо имзои судя ва мӯҳри нишондори суд тасдиқ карда мешавад.

5. Ҳуҷҷати иҷрое, ки дар асоси санади мақомоти дигар дода шудааст, аз тарафи шахси мансабдори ин мақомот ва дар ҳолатҳои дигаре, ки қонун муқаррар кардааст, аз тарафи шахсе, ки ҳуҷҷатро навиштааст, имзо карда мешавад. Ҳуҷҷати иҷро бо мӯҳри мақомоте, ки онро додааст, тасдиқ карда мешавад.

# БОБИ 2. ШАРТҲОИ УМУМИИ ИҶРО НАМУДАНИ АМАЛҲОИ ИҶРО

## Моддаи 7. Супоридани ҳуҷҷати иҷро

1. Ҳуҷҷати иҷро аз ҷониби суд ба ситонанда баъд аз эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ супорида мешавад, ба истисноi мавридҳое, ки ҳуҷҷати

иҷро фавран баъд аз қабули санади судӣ дода мешавад. Ҳуҷҷати иҷро ба ситонанда супорида мешавад ё ин ки бо дархости ӯ барои иҷро бевосита аз ҷониби суд равон карда мешавад.

2. Супоридани ҳуҷҷати иҷро барои иҷро мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## Моддаи 8. Маҳалли гузаронидани амалҳои иҷро

1. Агар қарздор шахси воқеӣ (минбаъд- шаҳрванд) бошад, пас амали иҷро аз тарафи иҷрочии суд дар маҳалли истиқомат, ҷои кор ё дар маҳалли ҷойгиршавии молу мулки вай гузаронида мешавад.

2. Агар қарздор шахси ҳуқуқӣ (минбаъд- ташкилот) бошад, пас амали иҷро аз ҷониби иҷрочии суд дар маҳалли ҷойгиршавии ташкилот ва ё маҳалли ҷойгиршавии молу мулки он гузаронида мешавад.

3. Иҷрои талаботи дар ҳуҷҷатҳои иҷро муайяншудае, ки қарздорро барои иҷро намудани ҳаракатҳои муайян ӯҳдадор менамояд, дар маҳалли иҷрои ин амалҳо ба ҷо оварда мешаванд.

4. Ҳуҷҷати иҷрое, ки аз тарафи як иҷрочии суд ба иҷрочии суди дигар равона карда шудааст, аз тарафи охирон барои иҷро қабул карда мешавад. Маҳалли иҷрои амалҳои иҷро байни иҷрочиёни суд мавриди баҳс шуда наметавонад.

5. Агар дар ҷараёни иҷрои ҳуҷҷати иҷро тағйироте дар маҳалли истиқомати қарздор, ҷои кор ва маҳалли ҷойгиршавии ӯ ба вуқӯъ ояд ва ё муқаррар гардад, ки молу мулки қарздор, ки мебоист ба он ситониш нигаронида шавад, дар ҷои аввалааш нест, иҷрочии суд фавран дар ин бора санад тартиб дода, на дертар аз рӯзи дигари баъди тартиб додани он ҳуҷҷати иҷроро бо нусхаи ин ҳуҷҷат ба иҷрочии суди маҳалли нави истиқомати қарздор, ҷои кори вай, маҳалли ҷойгиршавии вай ё маҳалли нави ҷойгиршавии молу мулки қарздор равон менамояд. Ҳамзамон, иҷрочии суд дар ин бора ба ситонанда, суд ё дигар мақомоте, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст, хабар медиҳад.

6. Агар иҷро талаботи ситонандаро пурра қонеъ нагардонад, иҷрочии суд оид ба ин ҳолат фавран санад тартиб дода, на дертар аз рӯзи дигари баъди тартиб додани он ҳуҷҷати иҷроро якҷоя бо нусхаи ин ҳуҷҷат ба иҷрочии суди маҳалли ҷойгиршавии молу мулки боқимондаи қарздор мефиристад. Ҳамзамон, иҷрочии суд дар ин бора ба ситонанда, суд ё дигар мақомоте, ки ҳуҷҷати иҷро додааст, хабар медиҳад.

7. Агар ҳангоми иҷрои ҳуҷҷати иҷро зарурат ба миён ояд, иҷрочии суд метавонад амали худро дар маҳалле, ки ба салоҳияти ӯ дохил намешавад, ба анҷом расонад. Дар ин ҳолат иҷрочии суд мутобиқи қисми 5 моддаи мазкур санад тартиб дода, ба маҳали зикршуда меравад ва дар муддати як шабонарӯз аз зарурати гузаронидани амалҳои иҷро дар маҳалли мазкур ба суди дахлдор хабар медиҳад, ки дар ин ҳолат суд ба иҷрочии суд мусоидат менамояд.

## Моддаи 9. Вақти гузаронидани амалҳои иҷро

1. Амалҳои иҷро дар рӯзҳои корӣ аз соати 6 то 22 вақти маҳаллӣ гузаронида мешавад. Вақти аниқи гузаронидани амалҳои иҷро аз тарафи иҷрочии суд муайян карда мешавад. Тарафҳое, ки дар истеҳсолоти иҷро иштирок мекунанд (минбаъд - тарафҳо) ҳуқуқ доранд, ки вақти барои онҳо мувофиқро ҷиҳати гузаронидани амалҳои иҷро пешниҳод намоянд.

2. Дар ҳолати пайдо шудани шубҳаи асоснок ба рафтори қарздор, ки ӯ метавонад моликияти ситонидашавандаро харҷ ё пинҳон кунад ё дигар амалҳоеро содир намояд, ки метавонанд дар мавриди таъхир кардан иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигарро душвору номумкин гардонанд, инчунин дар ҳолатҳое, ки ба таъхир гузоштан мумкин нест, аз он ҷумла ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хатар дошта бошад ё иҷрои амалҳои иҷро дар вақти муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур бо гуноҳи қарздор номумкин бошад, иҷрочии суд ҳақ дорад амалҳои иҷроро бо иҷозати суди маҳалли ҷойгиршавии молу мулк дар рӯзҳои истироҳат, рӯзҳои ид ва шабона низ гузаронад.

## Моддаи 10. Оқибатҳои вайронкунии талаботҳое, ки ба ҳуҷҷати иҷро пешниҳод мегарданд

1. Иҷрочии суд ҳуҷҷати иҷроро дар муддати се рӯз аз рӯзи ворид шуданаш, агар он бо вайрон намудани мӯҳлати пешниҳоди иҷро ба вай равон карда шуда бошад, ба ситонанда ё ин ки дар сурати мувофиқат накардани он ба талаботи пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни мазкур, ба суд ё дигар мақомоте, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст, бармегардонад.

2. Дар бораи баргардонидани ҳуҷҷати иҷро иҷрочии суд қарор мебарорад.

3. Иҷрочии суд на дертар аз як рӯз баъди баровардани қарор дар бораи баргардонидани ҳуҷҷати иҷро бо ҳуҷҷати иҷро онро ба ситонанда, суд ва мақомоти дигаре, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст, мефиристад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012* *№ 867*).

4. Дар қарор оид ба баргардонидани ҳуҷҷати иҷро асосҳои баргардонидани ҳуҷҷати иҷро нишон дода шуда, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта мӯҳлат муқаррар карда мешавад, агар асоси баргардонидан иҷро накардани талаботи пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни мазкур бошад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012* *№ 867*).

5. Дар сурати дар мӯҳлати муқарраршуда бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, ҳуҷҷати иҷро аз рӯзи аввали ба иҷрочии суд расидан, воридшуда ҳисоб карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012* *№ 867*).

6. Риоя накардани мӯҳлати муқарраргардида барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, ҷиҳати дубора фиристонидани ҳуҷҷати иҷро ба иҷрочии суд мувофиқи тартиботи умумӣ, баъди ислоҳи ин камбудиҳо монеъ шуда наметавонад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012* *№ 867*).

7. Ҳуҷҷати иҷро, ки бе бартараф намудани камбудиҳои дар қарор оид ба баргардонидани он нишон додашуда дохил гардидааст, иҷро карда намешавад ва ба ситонанда ё мақомоти онро равонкарда баргардонида мешавад.

8. Хориҷ карда шуд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012* *№ 867*).

### Моддаи 11. Асосҳои татбиқи чораҳои маҷбурии иҷро

Асосҳои татбиқи чораҳои маҷбурии иҷро ба таври ихтиёрӣ иҷро накардани санадҳои судӣ ё санади дигар мақомот, ҳамчунин мавҷуд будани ҳуҷҷати иҷро мебошанд.

### Моддаи 12. Мӯҳлатҳои гузаронидани амалҳои иҷро

1. Амалҳои иҷро ва талаботе, ки дар ҳуҷҷати иҷро дарҷ шудаанд, бояд аз тарафи иҷрочии суд дар муддати ду моҳ баъд аз ворид шудани ҳуҷҷати иҷро бо тартиби навбати воридшавии онҳо мавриди иҷро қарор дода шаванд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

2. Ба иҷрои фаврӣ талаботи чунин ҳуҷҷатҳои иҷро мансубанд:

- оид ба ситонидани алимент, музди меҳнат ё дигар пардохтҳо барои меҳнат дар доираи пардохтҳои барои як моҳ ҳисобкардашуда, инчунин оид ба рӯёнидани маблағи умумии қарзҳо вобаста ба ин пардохтҳо, агар ҳуҷҷатҳои иҷро рӯёнидани фаврии онҳоро муқаррар намояд;

- барои ба кор ё мансаби пештара барқарор кардани корманди ғайриқонунӣ озодшуда ё ба кори дигар гузаронидашуда;

- санадҳои судӣ, оид ба парвандаҳо дар бораи мавриди баҳс қарор додани санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳо ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомот ва шахсони мансабдор;

- оид ба ҷуброни расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ;

- оид ба ҷуброни зараре, ки вобаста ба фавти саробон расонида шудааст;

- оид ба ҳамроҳ кардани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати интихобкунандагон ва иштирокчиёни райъпурсӣ;

- оид ба парвандаҳои дигар, агар иҷрои фаврии талабот дар ҳуҷҷати иҷро ва ё қонун пешбинӣ гардида бошад.

### Моддаи 13. Мӯҳлатҳои ба иҷро пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои иҷро

1. Ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷрои маҷбурӣ дар мӯҳлатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- варақаҳои иҷро, ки дар асоси санадҳои судӣ ва фармонҳои судӣ дода шудаанд - дар давоми се сол;

- навиштаҷоти иҷрои мақомоти нотариалӣ - дар давоми се сол;

- варақаҳои иҷрое, ки дар асоси ҳалномаҳои судҳои ҳакамӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд - дар давоми се сол;

- варақаҳои иҷро, ки судҳо дар асоси ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо) дода шудаанд - дар давоми се сол;

- шаҳодатномае, ки комиссия оид ба баҳсҳои меҳнатӣ додааст - дар давоми се моҳ;

- қарори мақомоте (шахсони мансабдоре), ки барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ваколатдор мебошанд - дар давоми як сол (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*);

- талаботи бо тартиби муқарраргардида ба расмиятдаровардашудаи мақомоти вазифаи назоратидошта дар бораи рӯёнидани маблағ бо қайди бонк ё ташкилоти дигари кредитӣ оид ба пурра ё қисман иҷро нагардидани ситониш - дар давоми шаш моҳ.

2. Мӯҳлатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда ҳангоми пешниҳод ба иҷро ҳисоб карда мешаванд:

- ҳуҷҷатҳои иҷро, ки дар сархатҳои якум ва сеюми қисми 1 моддаи мазкур (ба истиснои фармонҳои судӣ) - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади суд ё хотимаи мӯҳлате, ки ҳангоми ба таъхиргузорӣ ё ба давраҳо ҷудо намудани мӯҳлати иҷро муқаррар гардидааст ё аз рӯзи баровардани таъинот оид ба барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда барои пешниҳоди варақаи иҷро барои иҷро ва дар ҳолатҳое, ки агар санади суд бояд фавран иҷро карда шавад - аз рӯзи дигари баровардани он;

- фармонҳои судӣ - пас аз гузаштани мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи супоридани онҳо;

- талаботи дар сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда - аз рӯзи баргардонидани он аз ҷониби бонк ё ташкилоти дигари кредитӣ ба ситонанда ё равон кардан ба иҷрочии суд;

- нисбати дигар ҳуҷҷатҳои иҷро - аз рӯзи дигари додани онҳо.

3. Ҳуҷҷатҳои иҷро оид ба ситонидани пардохтҳои даврavӣ (ситонидани алимент, оид ба ҷуброни расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ ва ғайра) дар ҳамаи даврае, ки пардохтҳо сурат мегиранд, эътибор дорад. Ҳамин тартиб нисбати созишнома оид ба ситонидани алимент, ки ба таври нотариалӣ тасдиқ шудааст, низ паҳн мегардад. Дар ин ҳолатҳо мӯҳлат барои ҳар як пардохт дар алоҳидагӣ ҳисоб карда мешавад.

## Моддаи 14. Канда шудани мӯҳлат ҳангоми пешниҳод намудани ҳуҷҷати иҷро

1. Дар ҳолатҳои зерин мӯҳлати ба иҷро пешниҳод намудани ҳуҷҷати иҷро канда мешавад:

- ба иҷро пешниҳод намудани ҳуҷҷати иҷро;

- аз ҷониби қарздор қисман иҷро намудани ҳуҷҷати иҷро;

- боздоштани истеҳсолоти иҷро мувофиқи моддаҳои 22 ва 23 Қонуни мазкур.

2. Баъди канда шудани мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷати иҷро барои иҷро ҷараёни вақт аз нав оғоз карда мешавад. Вақти то канда шудани мӯҳлати гузашта ба мӯҳлати нав ҳисоб карда намешавад.

3. Дар мавриди ба ситонанда баргардонидани ҳуҷҷати иҷро бо сабаби пурра ё қисман ғайриимкон будани иҷрои он, мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷати иҷро барои иҷро пас аз канда шудан, аз рӯзи баргардонидани ҳуҷҷати иҷро ба ситонанда ҳисоб карда мешавад.

## Моддаи 15. Барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашудаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро

*(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867)*

Ариза оид ба барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашудаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## Моддаи 16. Чораҳои иҷрои маҷбурӣ

1. Чораҳои иҷрои маҷбурӣ инҳо мебошанд:

а) дар истеҳсолоти иҷро оид ба талаботи пулӣ:

- нигаронидани ситониш ба молу мулки манқули қарздор;

- нигаронидани ситониш ба молу мулки ғайриманқули қарздор;

- нигаронидани ситониш ба ҳуқуқи талабот ва дигар ҳуқуқҳои бегонашавандаи молу мулкии қарздор;

б) дар истеҳсолоти иҷро оид ба талаботи дигар:

- иҷрои қарорҳое, ки қарздорро ба содир намудани амалҳои муайян ӯҳдадор менамояд;

- иҷрои қарорҳое, ки қарздорро ба худдорӣ ва тоқат кардан ба содир намудани амалҳои муайян ӯҳдадор менамояд;

- иҷрои қарор оид ба кашида гирифтан аз қарздор ва ба ситонанда супоридани ашёи муайян.

2. Иҷрои санадҳои судие, ки ба фаҳмондан равона гардидааст, иҷро карда намешаванд. Фаҳмондан аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ иҷрошуда ҳисобида мешавад.

## Моддаи 17. Оғози истеҳсолоти иҷро

1. Иҷрочии суд ӯҳдадор аст ҳуҷҷати иҷроро аз ситонанда ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз суд ё дигар мақомоте, ки онро додааст, барои иҷро қабул намояд ва фавран истеҳсолоти иҷроро оғоз намояд, агар ҳуҷҷати мазкур ба талаботи пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни мазкур мутобиқ бошад ва мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷати иҷро барои иҷро ба охир нарасида бошад. Дар ҳолатҳое, ки иҷрои санадҳои суд ба судҳо вогузор мешавад, суд барои иҷро ҳуҷҷати иҷроро аз ситонанда қабул менамояд.

2. Ситониш ба молу мулки қарздор нигаронида мешавад, ба истиснои молу мулке, ки тибқи қонун ба он нигаронидани ситониш мумкин нест. Ситонанда ҳуқуқ дорад он навъи молу мулкро нишон диҳад, ки нисбат ба онҳо дар навбати аввал ситониш нигаронида мешавад. Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс оид ба тартиби навбати ситониш байни ситонанда ва қарздор, навбати нигаронидани ситониш аз молу мулки қарздор аз ҷониби иҷрочии суд муайян мегардад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

3. Бо мақсади таъмин намудани иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба ситонидани молу мулк мувофиқи аризаи ситонанда иҷрочии суд вазифадор аст дар якҷоягӣ бо баровардани қарор оид ба оғоз намудани истеҳсолоти иҷро моликияти қарздорро ба рӯйхат гирифта, ба он ҳабс гузорад, ки дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад. Иҷрочии суд метавонад ҳангоми оғози истеҳсолоти иҷро оид ба ҳуҷҷати иҷро, ки дар асоси санади судӣ дода шудааст ва ё санади судӣ мебошад, дар асоси аризаи ситонанда дар хусуси маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намояд (*Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 610, аз 03.07.2012 № 867*).

## Моддаи 17(1). Рад намудани оғози истеҳсолоти иҷро

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

1. Иҷрочии суд ҳуҷҷати иҷроро дар муддати се рӯз аз рӯзи ворид шуданаш, агар иҷрои он ба ваколати ӯ дохил нагардад, ба суд ё мақомот ва ё ба ситонанда, ки онро барои иҷро пешниҳод намудааст, бо қабули қарор оид ба рад намудани оғози истеҳсолоти иҷро бармегардонад.

2. Нусхаи қарори иҷрочии суд оид ба рад намудани оғози истеҳсолоти иҷро бо замимаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридшуда на дертар аз рӯзи дигар, баъд аз баровардани қарори мазкур ба ситонанда, инчунин ба суд ё дигар мақомоте, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст, ирсол карда мешавад.

3. Хориҷ карда шуд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## Моддаи 18. Муайян намудани вазъи молумулкии қарздор

1. Агар иҷрои маҷбурӣ ба пурра қонеъгардонии ситониш оварда нарасонад, иҷрочии суд аз рӯи аризаи ситонанда қарздорро даъват намуда, ӯро оид ба вазъи молумулкиаш мепурсад, ки дар ин бора протокол тартиб дода мешавад.

2. Иҷрочии суд қарздорро ҷиҳати тартиб додани номгӯи молу мулкаш ӯҳдадор менамояд, агар ҳангоми иҷро муайян карда нашавад, ки қарздор дорои дигар молу мулк мебошад.

3. Дар номгӯи молу мулк қарздор ӯҳдадор аст асосҳо ва далелҳои исботкунандаи талаботи молумулкии ба ӯ тааллуқдоштаро нишон диҳад. Аз номгуй инчунин бояд маълум гардад, ки муддати солҳои охир қарздор кай ва ба кӣ барои ихтиёрдории ройгони молу мулки худ имконият фароҳам овардааст, агар ин ҳолат ба тӯҳфаҳои номунтазам вобаста набошад.

4. Қарздор оид ба он, ки маълумоти пешниҳодшудааш мукаммал буда, ба ҳақиқат мутобиқанд, итминон медиҳад, ки ин ба протокол ворид карда мешавад.

5. Қарздоре, ки тибқи қисми 1 моддаи мазкур пурсида шудааст, дар асоси аризаи ситонанда оид ба вазъи молу мулк бо баохиррасии се сол такроран пурсида мешавад. Пурсиши такрорӣ оид ба вазъи молу мулки қарздор то баохиррасии се сол дар асоси аризаи ситонанда мумкин аст, агар ситонанда маълумоти асоснок пешниҳод намуда бошад, ки қарздор дар мӯҳлати баохиррасида молу мулк ба даст овардааст ё ба муносибатҳои нави меҳнатӣ ворид шудааст.

6. Агар қарздор ба пурсиш ҳозир нашавад ва ё номгӯи молу мулкашро пешниҳод накунад ё оид ба дуруст будани маълумоташ итминон надиҳад, суди ҷои истиқомати қарздор бо пешниҳоди иҷрочии суд ӯро ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашад.

7. Иҷрочии суд ҳақ дорад пуррагӣ ва дурустии нишондоди қарздорро бо роҳи бадастории маълумоти дахлдор ё дигар роҳ санҷад.

## Моддаи 19. Тартиби нигаронидани ситониш ба дигар молу мулки қарздор

1. Нигаронидани ситониш ба дигар молу мулки қарздор бо роҳи гузоштани ҳабс (ба рӯйхат гирифтан), кашида гирифтан ва фурӯши маҷбурии ин молу мулк амалӣ карда мешавад.

2. Ситониш ба молу мулки қарздор, аз он ҷумла ба дигар арзишҳое, ки дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ нигоҳ дошта мешаванд, ба ҳамон андоза ва ҳаҷме, ки барои иҷрои ҳуҷҷати иҷро бо дарназардошти ситонидани пардохт ва хароҷотҳо оид ба гузаронидани амали иҷро зарур аст, нигаронида мешавад.

3. Агар дар рафти иҷро муқаррар гардад, ки молу мулки қарздор -ташкилот ё шаҳрванд барои пӯшонидани қарз кифоя нест, аммо қонунгузор муфлис эътироф намудани қарздорро роҳ медиҳад, иҷрочии суд ӯҳдадор аст дар ин хусус ситонандаро огоҳ намояд.

4. Нигаронидани ситониш ба молу мулки қарздоре, ки бо тартиби муқаррааргардида муфлис эътироф гардидааст, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

5. Дар ҳолати азнавташкилдиҳии ташкилот дар лаҳзаи иҷрои ҳуҷҷати иҷро иҷрочии суд вориси ҳуқуқии қарздорро муқаррар менамояд ва ба суде, ки ҳалнома баровардааст, ариза бо пешниҳод дар бораи баровардани таъинот оид ба ивази қарздор ба вориси ҳуқуқии он ирсол менамояд. Дар ҳолати набудани вориси ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии ташкилот ҳуҷҷати иҷро ба ситонанда баргардонида мешавад.

## Моддаи 20. Нигаронидани ситониш ба молу мулки ба гарав гузоштташуда

Ба молу мулки ба гарав гузошташуда мумкин аст бо риояи ҳуқуқҳои гаравгир, ки қонунгузории граждани муқаррар намудааст, ситониш нигаронида шавад.

## Моддаи 21. Батаъхиргузорӣ, ба давраҳо ҷудо намудан ва дароз кардани мӯҳлати иҷрои санадҳои судӣ ва мақомоти дигар, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои он, индексатсияи маблағҳои ба дигар шахс мансубдониста

1. Ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки барои анҷом додани амали иҷро монеъ мебошанд, иҷрочии суд ва тарафҳо ҳақ доранд, ки ба суд ё мақомоти дигаре, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст, бо ариза дар бораи батаъхиргузорӣ, ба давраҳо ҷудо намудан ё оид ба дароз кардани мӯҳлати иҷро, оид ба тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои он, инчунин оид ба индексатсияи маблағҳои ба дигар шахс мансубдониста муроҷиат намоянд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

2. Тартиби баррасии масъалаҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда тибқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешавад.

### Моддаи 22. Мавқуф гузоштани амали иҷро

(*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*)

Иҷрочии суд метавонад ҳангоми ҳозир нашудани ситонанда амали иҷроро мавқуф гузорад. Дар бораи мавқуф гузоштан ва таъин кардани рӯзи дигари гузаронидани амали иҷро иҷрочии суд қарор қабул менамояд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

### Моддаи 23. Ҳатмӣ будани боздоштани истеҳсолоти иҷро

Истеҳсолоти иҷро дар мавридҳои зерин ҳатман аз ҷониби суд бояд боздошта шавад:

- фавти қарздор, фавтида эълон кардан ё бедарак ғоиб эътироф намудани он, агар муносибатҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи суд ворисии ҳуқуқиро иҷозат диҳад;

- қабул намудани қарор дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ё оғоз намудани парванда аз ҷониби суди иқтисодӣ дар бораи муфлисшавӣ, тибқи тартиби бо қонунгузорӣ муқарраргардида;

- ғайри қобили амал эътироф намудани қарздор;

- пешниҳоди шикоят ба суд нисбат ба амали мақомоте (шахси мансабдоре), ки ваколатдор аст парвандаҳоро оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ намояд;

- аз ҷониби суд ё шахси мансабдор баровардани қароре, ки ба вай бо қонунгузорӣ ҳуқуқи боздоштани иҷрои ҳуҷҷати иҷро дода шудааст;

- иштирок намудани қарздор дар амалиёти ҷангӣ дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар Қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд ё хоҳиши ситонанда, ки дар чунин ҳолат қарор дорад;

- аз тарафи карздор ва ё ситонанда мавриди баҳс карор додани натиҷаҳои нархмонии молу мулки қарздор;

- пешниҳоди даъво дар бораи аз ҳабс озод кардани (аз рӯйхат баровардани) молу мулке, ки мутобиқи ҳуҷҷати иҷро аз он ситонидан сурат мегирад;

- аз ҷониби қарздор бо тартиби судӣ мавриди баҳс қарор додани ҳуҷҷати иҷро, агар чунин баҳсро қонун иҷозат дода бошад.

### Моддаи 24. Боздоштани истеҳсолоти иҷро

Суд метавонад инчунин дар мавридҳои зерин истеҳсолоти иҷроро боздорад:

- дар муассисаи статсионарӣ таҳти муолиҷа қарор доштани қарздор;

- пешниҳоди шикоят нисбат ба амали иҷрочии суд ё дар бораи аз ҷониби ӯ рад кардани амали иҷро, инчунин нисбат ба рад кардани рад намудани иҷрочии суд.

- кофтукови қарздор, молу мулки ӯ ё кофтукови кӯдаке, ки аз ӯ гирифта шудааст;

- хоҳиши ситонанда;

- бо ариза ҷиҳати тавзеҳи санадҳои судӣ, ки бояд иҷро карда шаванд, мурожиат намудани иҷрочии суд ба суде, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст;

- азнавташкилшавии ташкилот, ки қарздор мебошад;

- бо хоҳиши қарздор, ки дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд, хизмати ҳарбиро мутобиқи даъват адо менамояд;

- дар сафари тӯлонии хизматӣ қарор доштани қарздор.

## Моддаи 25. Тартиби боздоштани истеҳсолоти иҷро

Тартиби боздоштани истеҳсолоти иҷро мувофиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## Моддаи 26. Мӯҳлатҳои боздоштани истеҳсолоти иҷро

Истеҳсолоти иҷро дар ҳолатҳои зерин боздошта мешавад:

- фавти қарздор ё фавтида эълон кардан, бедарак ғоиб ё ғайри қобили амал эътироф намудани он, азнавташкилдиҳии ташкилоте, ки қарздор мебошад ё бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ қабул кардани қарор дар бораи барҳамдиҳии он ё аз тарафи суди иқтисодӣ оғоз намудани парвандаи муфлисшавии қарздор - то муайян гардидани вориси ҳуқуқии ӯ, вогузории моликияти бедарак ғоиб эътирофшуда аз тарафи суд ба идоракунандае, ки аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ муайян карда шудааст ё ба қарздори ғайри қобили амал васӣ таъин гардидааст ё бо тартиби муқарраркарда қабул намудани қарор дар бораи барҳамхӯрии ташкилот, муфлис эълон кардани қарздор;

- иштирок дар амалиёти ҷангӣ дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, аз ҷониби қарздор ё ситонанда, бо хоҳиши қарздор, ки дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хизмати ҳарбиро мутобиқи даъват адо менамояд, дар сафари тӯлонии хизматӣ қарор доштан, дар муассисаи статсионарӣ таҳти муолиҷа қарор доштан, кофтукови қарздор, молу мулки ӯ ё кофтукови кӯдаке, ки аз ӯ гирифта шудааст - то ба охир расидани амалиёти ҷангӣ ё озод шудани қарздор ё ситонанда аз чунин сафарбарӣ, то аз хизмати ҳарбӣ озод шудан ё оғози хизмати ҳарбӣ мутобиқи қарордод дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозгашт аз сафари тӯлонии хизматӣ, ҷавоб шудан аз

муассисаи статсионарӣ ё ба охир расидани кофтукови қарздор, молу мулки ӯ ё кофтукови кӯдаке, ки аз ӯ гирифта шудааст;

- мавриди баҳс қарор додани амалҳои иҷро, ҳамчунин ҳуҷҷати иҷро ё санади судӣ ё санади мақомоти дигар, ки дар асоси он ҳуҷҷати иҷро дода шудааст - то моҳиятан пурра ҳал гардидани ҳамин масъала;

- шикоятҳо оид ба радкунии рад кардани иҷрочии суд - то лаҳзаи баррасии шикоят аз тарафи суд ва дар дигар маврид - то тамом шудани ҳолатҳое, ки боиси боздоштани истеҳсолоти иҷро гардидаанд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## Моддаи 27. Аз нав оғоз кардани истеҳсолоти иҷро

Истеҳсолоти иҷро баъд аз бартараф намудани ҳолатҳое, ки асоси боздоштан гардида буданд, аз рӯи аризаи ситонанда ё бо ташаббуси иҷрочии суд аз ҷониби суд аз нав оғоз карда мешавад.

## Моддаи 28. Кофтукови қарздор ва молу мулки он

1. Аз рӯи парвандаҳо оид ба ситонидани алимент, рӯёнидани ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатӣ ё ин ки вобаста ба фавти саробон расидааст, инчунин дигар ҳолатҳое, ки ҷои истиқомати қарздор ва макони молу мулки ӯ номаълум мебошад, дар асоси аризаи иҷрочии суд ё ситонанда суди маҳалли иҷрои ҳуҷҷати иҷро метавонад кофтукови қарздорро ба воситаи мақомоти корҳои дохилӣ эълон намояд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

2. Кофтуков дар маҳалли иҷрои ҳуҷҷати иҷро ё охирин маҳалли истиқомати маълуми (маҳалли ҷойгиршавии) қарздор ё маҳалли ҷойгиршавии молу мулки вай, инчунин дар маҳалли истиқомати (маҳалли ҷойгиршавии) ситонанда, эълон карда мешавад.

3. Хароҷот оид ба кофтукови қарздор ба хароҷот оид ба содир намудани амалҳои иҷро дахл дошта, бояд аз тарафи суд аз ҳисоби қарздор ба буҷети давлатӣ ситонида шавад.

## Моддаи 29. Нигаронидани ситониш ба молу мулке, ки қарздор бегона намудааст

1. Дар ҳама ҳолатҳое, ки нигаронидани ситониш ба молу мулки қарздор ба пурра қонеъ гардонидани талаботи ситонанда оварда нарасонидааст, ситониш метавонад ба молу мулке, ки қарздор бо нияти расонидани зарар ба қарздиҳандагон бегона кардааст, ба шарте, ки шахси сеюм ҳангоми ба даст овардани чунин молу мулк оид ба нияти қарздор медонист ва ё бояд медонист ё ин ки молу мулкро ройгон ё ин ки дидаю диниста бо нархи паст (камтар аз нархи бозорӣ дар ҳолати бегонакунӣ) ба даст овардааст, нигаронида шавад.

2. Ҳангоми нигаронидани ситониш ба чунин молу мулк ба шахси сеюм маблағе, ки дар асл барои молу мулки кашида гирифташаванда дода шудааст, баргардонида мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*)

3. Ӯҳдадории исботи мавҷуд набудани қасди расонидани зарар ба қарздиҳандагони худ, ба зиммаи қарздор гузошта мешавад. Ситониш ба молу мулки бегонанамудаи қарздор мумкин аст нигаронида шавад, агар чунин молу мулк дар мӯҳдати се соли охир то додани ҳуҷҷати иҷро бегона карда шуда бошад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

4. Нигаронидани ситониш ба молу мулки ба шахси сеюм бегонанамудаи қарздор бо қарори суд, ки аз рӯи даъвои ситонанда ё қарори иҷрочии суд қабул гардидааст, амалӣ карда мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

5. Ба молу мулке, ки аз ҷониби қарздор ба фоидаи ҳамсар, хешу табор ва ё хешу табори ҳамсари худ ба расмият даровarda шудааст ва ё бегона карда шудааст, нигаронидани ситониш мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур амалӣ карда мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

## Моддаи 30. Асосҳои қатъ намудани истеҳсолоти иҷро

1. Истеҳсолоти иҷро пас аз иҷро қатъ мегардад.

2. Истеҳсолоти иҷро дар ҳолатҳои зерин аз ҷониби суд қатъ мегардад:

- аз тарафи суд қабули даст кашидани ситонанда аз ситониш;

- ситонанда ва қарздор созиши оштӣ баста бошанд ва онро суд тасдиқ карда бошад;

- баъди фавти шаҳрванд, ки ситонанда ё қарздор аст ё фавтида эълон кардан ё бедарак ғоиб эътироф намудани ӯ талабот ё ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи санади суд наметавонад ба вориси ҳуқуқии шахси фавтида эълонкарда ё бедарак ғоиб эътирофгардида ё ба идоракунандаи молу мулки шахси бедарак ғоиб гузарад;

- молу мулки ташкилоти барҳамхӯрда барои қонеъгардонии талаботи ситонанда нокифоя бошад;

- барои чунин навъи ситонидан мӯҳлати даъвои муқаррарнамудаи қонун гузашта бошад;

- бекор кардани санади судӣ ё санади мақомоти дигар, ки дар асоси он ҳуҷҷати иҷро дода шудааст ё ҳуҷҷате, ки мутобиқи моддаи 5 Қонуни мазкур ҳуҷҷати иҷро ба ҳисоб меравад;

- ситонанда аз ситонидан ё аз қабули асбобу анҷоме, ки ҳангоми иҷрои ҳалнома аз қарздор ҷиҳати супоридани он ба ситонанда кашида гирифта шудаанд, даст кашида бошад.

## Моддаи 31. Тартиби қатъ намудани истеҳсолоти иҷро

Қатъ намудани истеҳсолоти иҷро мувофиқи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## Моддаи 32. Баргардонидани ҳуҷҷати иҷро

1. Ҳуҷҷати иҷро, ки ситониш тибқи он гузаронида нашудааст ё пурра гузаронида нашудааст, бо қарори иҷрочии суд ба ситонанда дар ҳолатҳои зерин баргардонида мешавад:

- дар асоси аризаи ситонанда;

- агар мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷати иҷро барои иҷро вайрон гардида бошад;

- агар муқаррар намудани суроғаи қарздор-ташкилот ё маҳалли истиқомати қарздор - шаҳрванд, маҳалли ҷойгиршавии молу мулки қарздор ва ё гирифтани маълумот оид ба мавҷудияти маблағҳои пулӣ ва дигар сарватҳои ба ӯ тааллукдошта, ки дар суратҳисобҳо, пасандозҳо ё дар нигаҳдории бонкҳо ё дигар ташкилоти кредитӣ ҷойдошта (ба истиснои ҳолатҳое, ки тибқи Қонуни мазкур кофтукови қарздор ё моликияти ӯ пешбинӣ шудааст) имконнопазир бошад;

- агар қарздор молу мулк, маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қимматнок ё даромаде, ки ба он ситониш гузоштан мумкин аст, надошта бошад;

- агар ситонанда аз гирифтани молу мулки қарздор, ки ҳангоми иҷрои қарор фурӯхта нашудааст ё ашёи муайяне, ки бо қарори суд аз қарздор гирифта шудааст, даст кашад;

- агар ситонанда бо амал (беамалӣ) - и худ ба иҷрои ҳуҷҷати иҷро монеъ шавад;

- ҳангоми азнавташкилдиҳии ташкилот набудани вориси ҳуқуқӣ.

2. Баргардонидани ҳуҷҷати иҷро ба ситонанда барои такроран пешниҳоди ин ҳуҷҷат барои иҷро дар доираи мӯҳлати даъвои иҷрои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур монеъ шуда наметавонад.

3. Хориҷ карда шуд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## БОБИ 3. ШАХСОНИ ИШТИРОКЧИИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО

### Моддаи 33. Тарафҳои истеҳсолоти иҷро

1. Тарафҳо дар истеҳсолоти иҷро ситонанда ва қарздор мебошанд.

2. Ситонанда шаҳрванд ё ташкилоте мебошад, ки ба фоида ё манфиати ӯ ҳуҷҷати иҷро дода шудааст.

3. Қарздор шаҳрванд ё ташкилоте мебошад, ки талаботи муайянкардаи ҳуҷҷати иҷроро ӯҳдадор аст, иҷро намояд.

4. Дар истеҳсолоти иҷро якчанд ситонанда ва қарздор иштирок карда метавонанд. Ҳар яке аз онҳо нисбат ба тарафи дигар дар истеҳсолоти иҷро мустақилона иштирок менамояд ё ба яке аз иштирокчиён барои иштирок дар амали иҷро метавонад супориш диҳад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки бо ҳуҷҷати иҷро ба зиммаи қарздор ӯҳдадориҳое, ки танҳо бояд худаш (ӯҳдадориҳои шахсӣ) иҷро намояд, гузошта мешавад.

### Моддаи 34. Иштироки ноболиғон дар истеҳсолоти иҷро

1. Шахсоне, ки ба синни 18 солагӣ нарасидаанд, метавонанд мустақилона ё тавассути намоянда дар истеҳсолоти иҷро ҳуқуқҳои худро ба амал бароранд ва ӯҳдадориҳоро иҷро намоянд.

2. Ноболиғе, ки ба синни 16 солагӣ расидааст, дар ҳолати ӯро пурра қобили амал (эмансипатсия) эълон намудан, дар истеҳсолоти иҷро метавонад мустақилона ҳуқуқҳои худро ба амал барорад ва ӯҳдадориҳоро иҷро намояд.

3. Ҳуқуқҳои ноболиғон дар истеҳсолоти иҷро аз ҷониби намояндагони қонунии онҳо - падару модар, фарзандхондагон, васӣ ё парастор ба амал бароварда мешавад.

4. Ноболиғон дар мавриди пешбининамудаи қонун, ҳангоми иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷрои дар асоси санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомот оид ба парвандаҳои аз муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, маъмурӣ ва аз аҳдҳои вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани музди меҳнат (даромад) бавуҷудомада, метавонанд дар истеҳсолоти иҷро ҳуқуқҳои худро амалӣ намоянд ва ӯҳдадориҳои худро иҷро кунанд.

## Моддаи 35. Ҳуқуқ ва ӯҳдадоркҳои шахсоне, ки дар истеҳсолоти иҷро иштирок мекунанд

1. Шахсоне, ки дар истеҳсолоти иҷро иштирок мекунанд, ҳуқуқ доранд, ки бо маводи истеҳсолоти иҷро шинос шаванд, аз он иқтибос гиранд, нусха бардоранд, маводи иловагӣ пешниҳод намоянд, дархост кунанд, дар амали иҷро иштирок кунанд, дар рафти истеҳсолоти иҷро баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ диҳанд, барои ҳалли масъалаҳое, ки дар рафти иҷро ба амал меоянд, ваҷҳ ва далелҳои худро изҳор намоянд, муқобили далелҳо ва дархостҳои шахсони дигари иштирокчии истеҳсолоти иҷро норозигӣ баён намоянд, изҳорӣ рад намоянд, аз болои ҳаракатҳо ё қарори мақомоти иҷро оид ба масъалаҳои истеҳсолоти иҷро шикоят намоянд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

2. Шахсони иштирокчии истеҳсолоти иҷро ӯҳдадоранд аз ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта бовиҷдонона истифода баранд, инчунин талаботи қонунгузориро оид ба истеҳсолоти иҷро ба ҷо оранд.

## Моддаи 36. Иштироки тарҷумон дар истеҳсолоти иҷро

1. Ҳангоми амалӣ намудани амалҳои иҷро, ки барои анҷом додани онҳо донистани дигар забонҳо зарур аст, шахсони иштироккунандаи истеҳсолоти иҷро метавонанд бо ташаббуси худ ё бо таклифи иҷрочии суд тарҷумон даъват кунанд. Ҳар шахси ба балоғатрасидаи қобилияти амалдошта, ки дар иҷрои кор манфиатдор намебошад ва забонеро медонад, ки донистани он барои амалӣ намудани амалҳои иҷро зарур аст, метавонад тарҷумон бошад.

2. Тарҷумон барои меҳнаташ ҳуқуқи гирифтани подошпулиро дорад. Подошпулии пардохтшуда ба хароҷоти амали иҷро тааллуқ дорад.

## Моддаи 37. Иштироки шахсони холис дар истеҳсолоти иҷро

1. Амалҳои иҷро дар мавриди пешбининамудаи қонунгузорӣ метавонад дар ҳузури на камтар аз ду шахси холис ба ҷо оварда шавад.

2. Иштироки шахсони холис дар ҳолатҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

- бо талаби ситонанда ё қарздор;

- ҳангоми ба рӯйхат гирифтани молу мулки қарздор;

- ҳангоми иҷрои қарорҳо дар бораи маскун намудан ба манзил ё кӯчонидан аз манзил, амалҳои марбут ба ҳабс, кашида гирифтан ва супоридани молу мулки қарздор, кушодани манзил, бино ва амбори ӯ, азназаргузаронӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

3. Ба сифати шахсони холис шаҳрвандони ба балоғатрасида, қобилияти амалдошта, дар оқибатҳои амали иҷро манфиатдорнабуда даъват карда мешаванд.

4. Пеш аз оғози амали иҷро, ки дар он шахсони холис иштирок мекунанд, иҷрочии суд тартиби иштироки шахси холисро дар амалҳои иҷро фаҳмонда медиҳад.

5. Шахси холис ҳақ дорад донад, ки барои иҷрои кадом амалҳои иҷро даъват шудааст ва дар асоси кадом ҳуҷҷати иҷро онҳо анҷом дода мешаванд. Шахси холис нисбати амалҳои гузаронидашуда метавонад эрод гирад. Эроди шахси холис ба санади амали иҷрои дахлдор дохил карда мешавад.

6. Шахси холис далел, мазмун ва натиҷаи амали иҷроро, ки дар он иштирок кардааст, тасдиқ мекунад.

7. Шахсони холиси дар амали иҷро иштироккарда ҳуқуқи ҷуброни хароҷоти кардаашонро доранд. Маблағҳои пулии ба шахсони холис додашаванда ба хароҷоти иҷрои амали иҷро дохил мешаванд.

## Моддаи 38. Иштироки мутахассис дар истеҳсолоти иҷро

1. Барои фаҳмонидани масъалаҳои дар рафти амалҳои иҷро ба вуҷуд омада, ки дониши махсусро талаб мекунад, иҷрочии суд аз рӯи дархости иштироккунандагони истеҳсолоти иҷро ё бо ташаббуси худ мутахассисро таъин мекунад. Аз рӯи зарурат мумкин аст якчанд мутахассис таъин карда шавад. Иҷрочии суд дар ин бора қарор мебарорад.

2. Ба сифати мутахассис шахси ба баррасии кор манфиатдорнабуда ва дорои дониши махсусе, ки барои додани хулосаи хаттӣ зарур аст, таъин мешавад.

3. Мутахассисон ба гирифтани подошпулӣ барои иҷрои коре, ки бинобар амалӣ намудани амалҳои иҷро гузаронида мешавад, ҳуқуқ доранд. Ин подошпулӣ ва дигар хароҷотҳо барои ҷалби мутахассисон ба хароҷоти амали иҷро тааллуқ доранд.

4. Барои даст кашидан ва ё саркашӣ кардан аз пешниҳоди хулоса ё барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ тибқи қонун мутахассис ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки дар ин бора иҷрочии суд ӯро огоҳ менамояд.

## Моддаи 39. Ҳамкории иҷрочиёни суд бо кормандони милитсия

Агар ба иҷрочиёни суд ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизматиашон ҷиҳати баамалбарории амали иҷро монеагӣ карда шавад ё ба ҳаёт ва саломатиашон

хатар таҳдид кунад, кормандони милитсия ӯҳдадоранд дар доираи ҳуқуқҳои бо қонун пешбинигардида ба онҳо мусоидат намоянд.

## Моддаи 40. Рад кардан дар истеҳсолоти иҷро

*(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867)*

1. Иҷрочии суд, тарҷумон, мутахассис ва шахси холис дар ҳолатҳои зерин наметавонанд дар истеҳсолоти иҷро иштирок намоянд ва бояд рад карда шаванд, агар;

- ҳангоми баррасии парвандае, ки оид ба иҷрои қарори он истеҳсолоти иҷро оғоз карда шудааст, ба сифати судя, прокурор, намоянда, шоҳид, коршиноси судӣ, мутахассис, тарҷумон ва котиби маҷлиси судӣ иштирок намуда бошанд;

- бо тарафҳо ё намояндаи онҳо муносибати хешутаборӣ дошта бошанд;

- шахсан, бевосита ё бавосита ба натиҷаи ҳалли парванда манфиатдор бошанд ё дигар ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки беғаразӣ ва холисии онҳоро зери шубҳа гузоранд.

2. Дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ӯҳдадоранд, ки изҳори худрадкунӣ намоянд. Рад кардан бояд асоснок ва дар шакли хаттӣ то саршавии амали иҷро пешниҳод карда шавад. Дар рафти амали иҷро рад кардан иҷозат дода мешавад, агар ҳолатҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида баъди саршавии амали иҷро маълум гарданд.

3. Рад кардан ё худрадкунии иҷрочии суд аз ҷониби иҷрочии калони суд ва дар маҳалле, ки як иҷрочии суд амал менамояд, аз ҷониби иҷрочии суд ҳал карда шуда, дар ин хусус қарори асоснок қабул карда мешавад. Ба дигар иҷрочии суд вобаста намудани истеҳсолоти иҷро бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

4. Рад кардани тарҷумон, мутахассис ва шахсони холис аз ҷониби иҷрочии суд ҳал карда мешавад. Дар ин бора иҷрочии суд қарори асоснок қабул менамояд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## Моддаи 41. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд

*(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867)*

Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## Моддаи 42. Феҳристи қарздорон

1. Мақомоти ваколатдори давлатӣ Феҳристи қарздоронро, ки оид ба вазъи молумулкии худ итминон додаанд ва ё нисбати онҳо мувофиқи моддаи 18 Қонуни мазкур чораҳои иҷрои маҷбурӣ татбиқ шудаанд, пеш мебарад. Тартиби пешбурди Феҳристи қарздорон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад. Барои додани маълумот аз Феҳристи карздорон ба

шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз онҳо мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

2. Дар ҳолатҳои аз ҷониби қарздор қонеъ гардонидани талаботи ситонандае, ки амалӣ намудани иҷрои маҷбуриро талаб кардааст ва ё бо гузаштани се сол аз рӯзи ворид намудани қарздор ба Феҳрист мақомоти ваколатдори давлатӣ аз рӯи аризаи қарздор фармоиш дар бораи аз эътибор соқит донистани навиштаҷот дар Феҳристи қарздоронро қабул менамояд.

### Моддаи 42(1). Муваққатан маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

*(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867)*

1. Ҳангоми бе сабаби узрнок аз ҷониби қарздор ба иҷро нарасонидани талаботи ҳуҷҷати иҷро, ки дар асоси санади судӣ дода шудааст ва ё санади судӣ мебошад, иҷрочии суд дар асоси аризаи ситонанда ва ё бо ташаббуси худ дар хусуси маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул менамояд.

2. Қарор оид ба маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қарздор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират, назорати сарҳадӣ ва мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

## БОБИ 4. ТАРТИБИ НИГАРОНИДАНИ СИТОНИШ БА МОЛУ МУЛКИ МАНҚУЛИ ҚАРЗДОР

### Моддаи 43. Тартиби нигаронидани ситониш ба воситаҳои пулии қарздор

1. Нигаронидани ситониш ба воситаҳои пулии қарздор бо роҳи кашида гирифтани маблағҳои пули нақд амалӣ карда мешавад.

2. Кашида гирифтани маблағҳои пулии нақди қарздор бо роҳи тартиб додани санад оид ба кашида гирифтан бо иштироки на камтар аз ду шахси холис амалӣ карда мешавад.

3. Агар қарздор маблағҳои пулии бо асъори миллӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ситонанда кифояро надошта бошад, ситониш ба воситаҳои пулии бо асъори хориҷӣ доштаи қарздор нигаронида мешавад.

4. Ҳангоми ошкор кардан ва аз қарздор кашида гирифтани маблағҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ иҷрочии суд бояд на дертар аз рӯзи дигар пас аз кашида гирифтан бо қарори худ онро барои мубодила ба асъори миллӣ ба бонк ё дигар ташкилоти кредитие, ки ҳуқуқи амалӣ намудани чунин амалиётро дар бозори дохилии асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, диҳад.

### Моддаи 44. Нигаронидани ситониш ба молу мулки қарздор, ки дар ихтиёри дигар шахсон қарор дорад

Ҳабси молу мулки қарздор, ки дар ихтиёри ситонанда ё шахси сеюм қарор дорад ва ӯ розӣ ҳаст, ки ин молу мулкро диҳад, мувофиқи талаботи қисми 10 моддаи 46 Қонуни мазкур ба амал бароварда мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 45. Молу мулке, ки ба он нигаронидани ситониш мумкин нест

Ҳангоми иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро нисбати молу мулке, ки қонунгузорӣ ба чунин молу мулк ситонишро манъ кардааст, ситониш нигаронида намешавад.

### Моддаи 46. Ҳабси молу мулки қарздор

1. Ҳабси молу мулки қарздор аз ба рӯйхат гирифтани молу мулк, эълони манъи ихтиёрдории он ва ҳангоми зарурат аз маҳдуд кардани ҳуқуқи истифодаи молу мулк, кашида гирифтан ва ё барои нигаҳдорӣ супоридани он иборат мебошад.

2.Намуд, ҳаҷм ва мӯҳлати маҳдуд карданро дар ҳар як ҳолати мушаххас иҷрочии суд бо дарназардошти хусусияти молу мулк, аҳамияти он барои соҳибмулк ё шахсе, ки онро соҳибӣ менамояд, истифодаи хоҷагӣ, маишӣ ва дигар омилҳо муайян мекунад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

3. Вайрон намудани манъи иҷрочии суд ҷиҳати ихтиёрдорӣ ё ин ки риоя накардани маҳдудияти ҳуқуқи истифодабарии молу мулки қарздор, ки ба он ҳабс гузошта шудааст, боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонун мегардад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

4. Ҳабс татбиқ карда мешавад:

- барои таъмини муҳофизати молу мулки қарздор, ки бояд минбаъд ба ситонанда супорида ё ин ки дар оянда фурӯхта мешавад;

- ҳангоми иҷрои санади судӣ оид ба кашида гирифтани молу мулки қарздор (*Конун аз 21.07.2010 № 610*);

- ҳангоми иҷрои таъиноти суд оид ба нигаронидани ҳабс ба молу мулки қарздор, ки ба ӯ тааллуқ дорад ё дар ихтиёри ӯ ва шахсони дигар қарор дорад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

5. Кашида гирифтани молу мулки ҳабсшуда бо супоридани он ҷиҳати фурӯхтан дар оянда дар мӯҳлати муқаррарнамудаи моддаи 12 Қонуни мазкур ба амал бароварда мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

6. Молу мулки зуд вайроншаванда ё хӯрдашаванда кашида гирифта шуда, фавран барои фурӯш супорида мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

7. Маблағҳои пулӣ бо асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ, металлҳои қимматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо, ҷавоҳирот ва дигар маснуоти аз тилло, нуқра, платина ва металлҳои гурӯҳи платина, сангҳои қимматбаҳо ва марворид, инчунин шикастапора ва қисмҳои алоҳидаи чунин маснуоти, ҳангоми ба руйхатгирии молу мулки қарздор ошкор кардашуда, ки ба он ҳабс гузошта шудааст, ҳатман кашида гирифта мешаванд (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

8. Ба коғазҳои қимматнок мувофиқи тартиби муқараргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳабс гузошта мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

9. Бо ҳабс гузоштан ба молу мулки қарздор ситонанда ҳуқуқи гаравро ба молу мулки ба ҳабсгузошташуда ба даст меорад. Ҳуқуқи гарав, ки аз молу мулки пештар ҳабсгузошташуда бармеояд, дар муқоиса бо ҳуқуқе, ки аз гарави баъдтар бармеояд, бартарият дорад. Ҳуқуқи гарав, ки аз ҳабс гузоштан ба молу мулки қарздор бармеояд, ба ситонанда ҳамон ҳуқуқҳоро дар муносибат ба дигар ситонандагон медиҳад, чунонки гарав дар асоси шартномаи гражданӣ оид ба гарав (*Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 610, аз 03.07.2012 № 867*).

10. Ҳабс гузоштан ба молу мулки манқул, ки дар соҳибияти воқеии қарздор қарор дорад, ба гузаштани ин молу мулк ба соҳибияти иҷрочии суд боис мегардад(*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

11. Иҷрочии суд рӯйхат тартиб медиҳад ва вобаста ба миқдори ситониш тамоми молу мулк ё қисми онро ҳабс намуда, дар ин бора ба мақомоти дахлдори давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, гарави молу мулк ва нотариати давлатӣ қарор оид ба манъи амалҳои бо молу мулки ҳабсшуда алоқамандро ирсол менамояд (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

12. Дар бораи гузоштани ҳабс ба молу мулки ба гарав гузошташуда иҷрочии суд гаравгирро фавран хабардор менамояд (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 47. Ба рӯйхат гирифтани молу мулки қарздор

1. Иҷрочии суд руйхати молу мулки қарздорро ба миқдоре, ки ҷиҳати пардохтани маблағи ба фоидаи ситонанда муқарраршуда ва хароҷоти иҷро зарур аст, тартиб медиҳад. Иҷрочии суд метавонад ба молу мулки ба рӯйхат гирифташуда мӯҳр гузорад.

2. Барӯйхатгирии молу мулки қарздор бо иштироки қарздор ва шахсони холис ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолати набудани қарздор, барӯйхатгирӣ бо иштироки яке аз аъзои болиғи оилаи ӯ, шахсони мансабдори шахси ҳуқуқӣ, дар сурати набудани ин шахсҳо бо иштироки шахсони холис тартиб дода мешавад. Дар вақти барӯйхатгирӣ қарздор ҳақ дорад ба иҷрочии суд оиди дар навбати аввал ба кадом молу мулк нигаронидани ситониш арз намояд. Иҷрочии суд ба шарте чунин арзро қонеъ мегардонад, ки ин ба иҷрои ҳуҷҷати иҷро монеъ нашавад.

### Моддаи 48. Мӯҳтавои қарор дар бораи ҳабси молу мулк

1. Дар қарор оид ба ҳабси молу мулк бояд маълумотҳои зерин зикр карда шавад:

- сана ва маҳалли тартиб додани қарор;

- ном, номи падар ва фамилияи иҷрочии суд;

- номи суд ё мақомоти дигаре, ки ҳууҷҷати иҷрои он ба иҷро расонида мешавад;

- ном, номи падар ва фамилияи ситонанда ва қарздор;

- номи ҳар як молу мулки ба қарор дохилкардашуда, нишонаҳои фарқкунандаи он (вазн, андоза, дараҷаи дошти он ва ҳоказо), баҳои тахминии ҳар як молу мулк дар алоҳидагӣ ва арзиши тахминии ҳамаи молу мулк;

- ишора ва мӯҳр зада шудани молу мулк, агар он иҷро шуда бошад;

- ном, номи падар ва фамилияи шахси воқеӣ, номи шахси ҳуқуқӣ, ки молу мулк барои нигаҳдошт ба онҳо супорида шудааст, суроғаи онҳо, агар нигаҳдошти молу мулк ба зиммаи худи қарздор вобаста карда нашуда бошад;

- қайд дар бораи ба қарздор ва дигар шахсон фаҳмонида додани тартиб ва мӯҳлати шикоят аз болои амали иҷрочии суд, инчунин дар бораи ба қарздор ва нигаҳбони молу мулк фаҳмонида додани ӯҳдадориҳои онҳо оид ба нигаҳдошт, дар бораи ҷавобгарӣ ҷиҳати исрофкорӣ, азхудкунӣ ё пинҳонкунии молу мулки ба нигоҳдорӣ супоридашуда;

- эрод ва арзи ситонанда, қарздор ва шахсоне, ки дар вақти барӯйхатгирӣ иштирок доштанд ва фармоишҳои аз рӯи онҳо додаи иҷрочии суд.

2. Қарор дар бораи ҳабси молу мулкро иҷрочии суд имзо намуда, нусхаи онро ба тарафҳо месупорад.

### Моддаи 49. Нархгузории молу мулки ҳабсшудаи қарздор

1. Нархгузории молу мулки ҳабсшудаи қарздор аз ҷониби иҷрочии суд аз рӯи нархҳои бозории дар рӯзи иҷрои ҳуҷҷати иҷро амалкунанда, ба истиснои ҳолатҳое, ки нархгузорӣ бо нархҳои танзимшаванда муқаррар карда шудаанд, сурат мегирад. Ҳамзамон созишномаи байни ситонанда ва қарздор дар бораи нархгузорӣ мумкин аст ба назар гирифта шавад. Агар ба баъзе молу мулк муайян кардани нарх душвор бошад, қарздор ё ин ки ситонанда ба нархгузории иҷрочии суд норозӣ бошанд, иҷрочии суд барои муайян кардани арзиши молу мулк мутахассисро ҷалб менамояд. Коғазҳои қимматнок, маснуоти заргарӣ ва маҳсулоти дигар аз металлҳои қимматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо, маҳсулоти антиқӣ (антиквариат), асарҳои санъати тасвирӣ ва ҳайкалҳо бо иштироки ҳатмии мутахассисон нархгузорӣ карда мешаванд.

2. Тарафе, ки нархи гузоштаи иҷрочии судро ба молу мулки ҳабсшуда мавриди баҳс қарор медиҳад, хароҷоти ҷалб намудани мутахассисро танҳо дар он ҳолате пардохт менамояд, ки талаботи ӯ оид ба аз нав нархгузорӣ тасдиқ нашуда бошад. Дар ҳамаи дигар ҳолатҳо хароҷот оид ба ҷалби мутахассис барои нархгузории молу мулк аз тарафи дигар руёнида мешавад.

### Моддаи 50. Нигаҳдории молу мулки ҳабсшуда

1. Иҷрочии суд молу мулки ҳабсшударо дар асоси шартномаи нигаҳдошт, бо гирифтани забонхати нигоҳдошт ба нигаҳбон месупорад.

2. Тартиб ва шартҳои нигоҳдошти молу мулки ҳабсшуда мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

3. Нигаҳбон бо иҷозати иҷрочии суд аз ин молу мулк метавонад истифода барад, ба шарте, ки аз рӯи хусусиятҳои молу мулк истифодаи он боиси нобуд шудан ё кам шудани қиммати он нагардад.

4. Агар нигаҳбон худи қарздор ё аъзои оилаи ӯ набошад, барои нигоҳдошт подошпулӣ мегирад.

5. Ба нигаҳбон хароҷоти зарурии сарфкардааш оид ба нигаҳ доштани молу мулк бо назардошти фоидаи воқеии аз ин молу мулк ба даст овардааш, ҷуброн карда мешавад.

6. Хароҷоте, ки барои нигоҳдошти молу мулк сарф шудааст, ба хароҷоти иҷрои ҳуҷҷати иҷро тааллуқ дорад.

### Моддаи 51. Ҷавобгарии нигаҳбони молу мулки ҳабсшуда

Дар сурати исроф кардан, бегона кардан ё пинҳон намудани молу мулки ҳабсшудаи барои нигаҳдошт супоридашуда нигаҳбон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

### Моддаи 52. Фурӯхтани молу мулки ҳабсшуда

1. Фурӯхтани молу мулки ҳабсшуда, ба ғайр аз молу мулке, ки мувофиқи қонун аз гардиш гирифта шудааст, новобаста аз асосҳои ҳабсгирӣ ва намудҳои молу мулк аз тарафи иҷрочии суд дар музоядаҳои оммавӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад, агар тартиби дигар бо қонуни мазкур пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ҳангоми нигаронидани ситониш ба молу мулки қарздор, агар дар вақти қабули қарор дар бораи фурӯхта шудани молу мулке, ки мебоист ба он ситониш нигаронида шавад, оид ба муфлисшавии қарздор истеҳсолот оғоз шуда бошад, то моҳиятан ҳал кардани ин масъала фурӯхтани молу мулк боздошта мешавад.

3. Иҷрочии суд бо розигии хаттии тарафҳо ҳақ дорад молу мулкро бе гузаронидани музоядаи оммавӣ, бо роҳи савдои он ба шахси муайян анҷом диҳад.

### Моддаи 53. Хабар додан дар бораи музоядаи барпошаванда

1. Ҳангоми фурӯхтани молу мулки қарздор дар музояда иҷрочии суд ӯҳдадор аст ба воситаи матбуоти даврие, ки ҳуқуқи нашри ахбороти расмиро дорад, дар бораи музоядаи барпошаванда на дертар аз даҳ рӯз то гузаронидани савдо хабар диҳад.

2. Дар огоҳинома оид ба вақт, маҳал ва шакли савдо, молу мулки ба савдо баровардашаванда, тартиби бақайдгирии иштирок дар савдо, тартиби гузаронидани он, тартиби муайян намудани шахси бурдкарда дар савдо, инчунин оид ба нархи ибтидоӣ бояд маълумот дода шавад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

3. Дар бораи вақт ва маҳалли дар музояда фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда иҷрочии суд гаравгирро фавран огоҳ месозад.

## Моддаи 54. Тартиби гузаронидани музояда

1. Шахсоне, ки дар музояда иштирок кардан мехоҳанд, ӯҳдадоранд ба иҷрочии суд дар ҳаҷми панҷ фоизи арзиши нархи молу мулк пешпардохт супоранд. Маблағи супоридаи шахси дар музояда ғолибомада ба ҳисоби нархи харид дохил мешавад. Ба иштирокчиёни боқимонда маблағи пешпардохтнамудаи онҳо пас аз анҷоми музояда, дар давоми се рӯз баргардонида мешавад.

2. Музояда аз нархи дар қарор оид ба ҳабс нишондодашуда, бо дарназардошти нархи аввалаи молу мулк оғоз меёбад. Молу мулк ба ҳамон шахсе фурӯхташуда ҳисоб меёбад, ки дар музояда аз ҳама нархи баландро пешниҳод кардааст. Ғолиби музояда ӯҳдадор аст дар давоми панҷ рӯз пас аз ба охир расидани музояда маблағи пурраи молу мулки ба дастовардашударо бо назардошти пешпардохти супоридашуда пардохт намояд.

3. Ҳангоми аз ҷониби ғолиби музояда дар мӯҳлати муқарраргардида пардохт нашудани ҳамаи маблағи зикршуда, пешпардохти пеш аз музояда пардохтнамудааш ба ӯ баргардонида нашуда, ба фоидаи давлат гузаронида мешавад. Инчунин пешпардохт ба фоидаи давлат дар он ҳолат гузаронида мешавад, ки агар муайян карда шавад, ки ғолиби музояда ҳуқуқи дар музояда иштирок карданро надошт (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

4. Пас аз пардохти ҳамаи маблағи зикргардида аз ҷониби ғолиби музояда иҷрочии суд ба ӯ нусхаи санадро дар бораи музоядаи барпогардида месупорад, ки он асос барои бақайдгирии молу мулки фурӯхташуда ба моликияти ӯ мегардад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

5. Дар музояда иҷрочиёни суд ва судяҳое, ки оид ба истеҳсолоти иҷрои мазкур қарор қабул намудаанд, инчунин аъзои оила ва хешони наздики онҳо, инчунин шахсе, ки молу мулкаш дар музояда гузошта шудааст, иштирок карда наметавонанд (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

## Моддаи 55. Барпонашуда эълон кардани музояда

1. Иҷрочии суд дар мавридҳои зерин музоядаро барпонашуда эълон мекунад, агар:

- ба музояда камтар аз ду нафар харидор ҳозир шуда бошанд;

- ҳеҷ яке аз иштирокчиёни музояда дар бораи пардохти нархи аввалаи молу мулк таклиф пешниҳод накунад;

- ғолиби музояда дар муддати панҷ рӯз маблағи пешниҳоднамудаи худро барои молу мулки дар музояда гузошташуда насупорад.

2. Дар бораи барпонашуда эълон кардани музояда иҷрочии суд қарор мебарорад, ки аз болои он дар мӯҳлати даҳ рӯз шикоят ё эътироз овардан мумкин аст.

3. Агар музояда барпо нагардад, пешпардохт ба он шахсоне, ки онро супурда буданд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи сархати сеюми қисми 1 моддаи мазкур баргардонида мешавад.

### Моддаи 56. Оқибати барпонашуда эълон намудани музояда

1. Дар ҳолати барпонашуда эълон намудани музояда ба ситонанда ҳуқуқ дода мешавад, ки молу мулкро аз арзиши аввалааш бист фоиз кам карда, ба моликияти худ гирад.

2. Дар ҳолати барпонашуда эътироф намудани музояда ва аз ба ихтиёри худ гирифтани молу мулк даст кашидани ситонанда, иҷрочии суд бо риояи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур музоядаи такрорӣ таъин мекунад. Дар ин маврид нархи барои музоядаи такрорӣ муқарраршуда, то ҳамон вақте, ки яке аз иштирокчиён барои харидани молу мулк бо нархи эълоншуда розӣ нашавад, паст карда мешавад, аммо он набояд аз панҷоҳ фоизи нархи аввалаи арзиши молу мулки ба музояда гузошташуда кам бошад.

3. Дар ҳолати барпонашуда эълон намудани музоядаи такрорӣ, молу мулк бо нархи охирини эълоншуда ба ситонанда пешниҳод карда мешавад. Дар вақти даст кашидани ситонанда ҷиҳати ба моликияти худ қабул намудани молу мулки ба фурӯш гузошташуда, ҳабс аз ин молу мулк бардошта мешавад.

4. Дар ҳолати барпонашуда эълон намудани музояда ва ба ихтиёри худ гирифтани молу мулк аз ҷониби ситонанда мутобиқи қисмҳои 1 ва 3 ҳамин модда иҷрочии суд қарор қабул менамояд. Қарори қабулнамудаи иҷрочии суд барои бақайдгирии молу мулке, ки мутобиқи қонунгузорӣ бақайдгирии ҳатмиро талаб менамояд, асос мебошад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 57. Иҷрои ҷазо дар шакли ҷарима ва мусодираи молу мулк

Иҷрои ҷазо дар шакли ҷарима ва мусодираи молу мулк бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 5. ТАРТИБИ НИГАРОНИДАНИ СИТОНИШ БА ҲУҚУҚИ ТАЛАБОТ ВА ДИГАР ҲУҚУҚҲОИ МОЛУМУЛКИИ БЕГОНАШАВАВДАИ ҚАРЗДОР

### Моддаи 58. Қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи пулии қарздор

1. Агар ситониш ба талаботи пулии мавҷудбудаи қарздор нигаронида шавад, иҷрочии суд ҳангоми мавҷуд будани супориши дахлдор аз ҷониби ситонанда дар мӯҳлати ду ҳафта бе огоҳонидани қарздор дар бораи гузоштани ҳабс қарор мебарорад.

2. Дар қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи пулии қарздор бояд маълумот оид ба ситонанда, асос ва ҳаҷми ситониш, қарздор, талаботи пулии вай нисбати шахси сеюми ӯҳдадор, инчунин шахси сеюми ӯҳдадор нишон дода шаванд.

3. Иҷрочии суд дар қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи пулии қарздор шахси сеюми ӯҳдадорро ҷиҳати супоридани маблағ ба қарздор манъ мекунад. Ҳамзамон иҷрочии суд қарздорро, ки қарздиҳанда нисбати шахси сеюми ӯҳдадор мебошад, водор месозад, ки аз ҳама гуна ихтиёрдорӣ нисбати ин талабот, махсусан аз талаб карда гирифтани он худдорӣ намояд.

4. Нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба шахси сеюми ӯҳдадор супорида шуда, ба ситонанда ва қарздор ирсол карда мешавад. Гузоштани ҳабс ба

талаботи зикршуда дар ҳаҷми талаби пулии ситонанда аз лаҳзаи супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба шахси сеюми ӯҳдадор эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

5. Қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи қарздор нисбати музди меҳнати ӯ ё дигар пардохтҳои давравӣ нисбат ба шахси сеюми ӯҳдадор, инчунин ба маблағҳое, ки баъд аз гузоштани ҳабс то иҷрои пурраи ҳуҷҷати иҷро, аз он ҷумла хароҷот оид ба истеҳсолоти иҷро пардохт мешавад, паҳн мегардад.

6. Баъд аз ба шахси сеюми ӯҳдадор супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи қарздиҳандаи ӯ, ки аз рӯи ҳуҷҷати иҷро қарздор ба ҳисоб меравад, иҷрочии суд нусхаи тасдиқшудаи қарори зикргардидаро бо ҳуҷҷате, ки супорида шуданро тасдиқ мекунад ва нусхаи варақаи иҷро ба ситонанда медиҳад.

## Моддаи 59. Оқибати баровардани қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ҳуқуқи талабкунии қарздор

1. Қарорро дар бораи гузоштани ҳабс ба ҳуқуқи талабкунии қарздор розигии расмии қарздор оид ба гузашти ҳуқуқи ба талаботе, ки аз он тибқи қонун имконияти ихтиёрдории ҳуқуқи талабкунӣ вобаста аст, иваз менамояд.

2. Қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ситонанда ҳуқуқ медиҳад, ки аз шахси сеюми ӯҳдадор қонеъ намудани талаботи қонунии ӯро дар ҳаҷми маблағи ба фоидаи ӯ руёнидашуда бо назардошти хароҷоти амалӣ намудани иҷрои маҷбурӣ талаб намояд.

## Моддаи 60. Арзи шахси сеюми ӯҳдадор

1. Дар мӯҳлати ду ҳафта аз рӯзи супоридани қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ҳуқуқи талаботи қарздор шахси сеюми ӯҳдадор бояд ба ситонанда ба таври зайл арз намояд:

- оё ӯ асоснокии талаботро эътироф менамояд ва ба амалӣ намудани пардохт розӣ аст;

- оё дигар шахсон ба ҳамин талабот ҳуқуқи худро арз намудаанд;

- оё ба ҳамин ҳуқуқи талабкунии дар алоқамандӣ бо талаботи дигар ситонандаҳо ҳабс гузошта шудааст.

2. Дар қарор дар бораи гузоштани ҳабс оид ба зарурати чунин арз нишон дода мешавад. Шахси сеюми ӯҳдадор дар сурати иҷро накардани талаботи қисми 1 моддаи мазкур ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

3. Арзи шахси сеюми ӯҳдадор метавонад ба иҷрочии суд ҳангоми супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ё дар давоми мӯҳлати пешбинишудаи қисми 1 моддаи мазкур пешниҳод карда шавад.

## Моддаи 61. Даъвои ситонанда нисбати шахси сеюм

1. Агар шахси сеюми ӯҳдадор қонеъ намудани талаботи ситонандаро рад намояд, ситонанда метавонад нисбати ин шахс ба суд даъво пешниҳод намояд.

2. Ситонандае, ки нисбати шахси сеюми ӯҳдадор ба суд даъво пешниҳод намудааст, бояд барои иштирок дар мурофиа қарздорро ҷалб намояд, агар он расонидани ҳуҷҷатҳоро ба хориҷи кишвар ё хабардоркунии оммавиро талаб нанамояд.

### Моддаи 62. Ҷавобгарии ситонанда дар назди қарздор

Агар ситонанда ситонишро ба ҳуқуқи талаботи қарздор кашол диҳад, вай дар назди қарздор барои зарари бо сабаби кашолкорӣ расонидашуда ҷавобгарии моддӣ дорад.

### Моддаи 63. Бозгардонидани ҳуқуқи талаботи ҳабсшуда аз ҷониби ситонанда ба қарздор

1. Ситонанда ҳақ дорад ҳуқуқи талаботи ҳабсшударо ба қарздор бозгардонад.

2. Дар ҳолатҳое, ки агар ситонанда сари вақт ҳуқуқи талаботро ба қарздор бозгардонад, ҷавобгарии моддии пешбининамудаи моддаи 62 Қонуни мазкур нисбати ситонанда татбиқ намегардад.

### Моддаи 64. Тартиби ситонидани қарздорӣ оид ба ӯҳдадориҳои алиментӣ

1. Қарздорӣ оид ба ҳамаи ӯҳдадориҳои алиментӣ аз молу мулки қарздор ситонида мешавад, ғайр аз молу мулке, ки тибқи қонун ба он нигаронидани ситониш манъ аст.

2. Ҳаҷми қарздорӣ бо қарори иҷрочии суд дар маҳалли иҷрои ҳалнома ва фармони судӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3. Дар ҳолати аз рӯи алимент ба вуқӯъ омадани қарздорӣ дар натиҷаи саркашии қарздор аз пардохти онҳо ба маблағи қарздорӣ, тибқи талаботи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ноустуворона ҳисоб карда мешавад.

4. Хориҷ карда шуд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012* *№ 867*).

### Моддаи 65. Ситонидани алимент ҳангоми ба давлати хориҷӣ барои истиқомати доимӣ ё барои кор рафтани қарздор

Тартиби ситонидани алиментро аз қарздоре, ки ба давлати хориҷӣ барои истиқомати доимӣ ё барои кор рафтааст, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

### Моддаи 66. Иҷрои ҳуҷҷати иҷро дар бораи барқарор намудан ба кор

1. Ҳангоми аз ҷониби корфармо иҷро накардани талаботи ҳуҷҷати иҷро дар бораи барқарор намудан ба ҷои кор, иҷрочии суд оид ба баровардани қарор дар бораи ба корманд пардохт намудани музди меҳнати миёна ё ин ки фарқияти дар музди меҳнат барои ҳамаи он муддати аз рӯзи баровардани ҳалнома оид ба барқароркунии корманд то рӯзи иҷрои он ба суд бо пешниҳод мурочиат менамояд.

2. Иҷрои ҳалнома оид ба барқарор намудан ба кор аз лаҳзаи воқеан ба кор роҳ додани корманди ғайриқонунӣ аз кор озодшуда ё ин ки ба иҷрои вазифаи пештарааш шурӯъ намудани корманди ба кори дигар гузаронидашуда, ки баъди бо фармон бекор намудани амри ғайриқонунӣ оид ба аз кор озодкунӣ ё ба кори дигар гузаронидани корманд сурат гирифтааст, анҷомёфта ҳисоб карда мешавад.

## Моддаи 67. Нигаронидани ситониш ба музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади қарздор

1. Ситониш ба музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади қарздор дар мавридҳои зерин ба амал баровarда мешавад:

- ҳангоми иҷрои ҳалнома дар бораи ситонидани маблағҳои даврагӣ;

- ситонидани маблағе, ки аз андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад (*Қонун аз 21.07.2010 № 610*);

- ҳангоми набудани имконияти ситониш аз маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулки қарздор (*Қонун аз 21.07.2010 № 610*).

2. Ҳангоми нигаронидани ситониш ба музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади қарздор бо дарназардошти талаботи Қонуни мазкур иҷрочии суд қарор мебарорад, ки дар он ҳаҷми ҳармоҳаи ситонишро нишон дода, онро барои пурра ҷуброн намудани маблағи муқарраршуда, барои иҷро ба корфармое, ки қарздор бо вай муносибатҳои меҳнатӣ дорад ё аз ӯ ҳаққи меҳнат мегирад, равон менамояд.

3. Иҷрочии суд ва ситонанда ӯҳдадоранд, ки оид ба дуруст ва сари вақт ситонидан аз музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади қарздор, инчунин сари вақт ба ситонанда фиристодани маблағҳои ситонидашуда, мунтазам назоратро амалӣ намоянд.

4. Ҳангоми аз кор озод кардани қарздор корфармое, ки бо қарздор дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дошт, ӯҳдадор аст, ки дар муддати се рӯз оид ба қатъ шудани муносибатҳои меҳнатӣ ба иҷрочии суд хабарномаро бо замимаи ҳуҷҷати иҷро ирсол намояд. Ҳангоми тағйири ҷои истиқомат қарздор ӯҳдадор аст, ки суроғаи нави худро ба иҷрочии суд хабар диҳад.

## Моддаи 68. Ситонидан аз музди меҳнати қарздоре, ки адои ҷазоро ба ҷо меоварад

1. Аз шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, ситониш аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷро аз маблағи пурраи музди меҳнат, бе назардошти нигоҳдории маблағе, ки тибқи ҳукм ва қарори суд сурат гирифтааст, амалӣ гардонида мешавад.

2. Аз маҳкумшудагоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ, колонияҳои сукунат, ҳабсхонаҳо, колонияҳои тарбиявӣ ҷазоро адо менамоянд, инчунин аз шахсоне, ки дар шӯъбаҳои наркологӣ, диспансерҳои равонпизишкӣ ва муассисаҳои табобатии статсионарӣ қарор доранд, ситониш аз тамоми музди меҳнаташон бе

назардошти пардохтҳо барои ҷуброни хароҷоти вобаста ба нигоҳдории онҳо дар ин муассисаҳо, нигаронида мешавад.

### Моддаи 69. Нигаронидани ситониш аз кӯмакпулӣ аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ

Аз кӯмакпулиҳо аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ, ки ҳангоми муваққатан гум кардани қобилияти меҳнатӣ ва аз кӯмакпулиҳое, ки ба занон дар давраи рухсатии иҷтимоӣ, вобаста ба нигоҳубини кӯдак дода мешаванд, инчунин аз стипендияи хонандагон ва кӯмакпулиҳо аз рӯи бекорӣ ситониш бо қарори суд танҳо бо мақсади ситонидани алимент, ҷуброни зарар, ки дар натиҷаи зарари ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ ё ин ки вобаста ба фавти саробон расидааст, мумкин аст нигаронида шавад.

### Моддаи 70. Даромадҳое, ки аз онҳо нигаронидани ситониш мумкин нест

Нигаронидани ситониш аз даромадҳои зерин мумкин нест:

- аз маблағҳое, ки карздор барои маъюбӣ ва ё дигар зарари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин бо сабаби фавти саробон гирифтааст;

- аз маблағҳои суғуртавӣ ва кӯмакпулии яквақтае, ки бо сабаби маъюбӣ (латхӯрӣ, садама) ҳангоми адои вазифаи хизматӣ ва маблағҳое, ки барои фавти (ҳалоки) онҳо ба аъзои оила дода мешаванд;

- аз кӯмакпулӣ ба модарони серфарзанд ва модарони танҳо бо сабаби таваллуди фарзанд барои нигоҳубини кӯдакони ноболиғ дар давраи кофтукови падару модари онҳо ва аз маблағе, ки барои нигоҳубини нафақагирон ва маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 дода мешаванд;

- аз маблағе, ки ба ҷабрдидагон барои ғизои иловагӣ, табобатҳои истироҳатию шифобахшӣ ва гузоштани узви сунъӣ, инчунин барои хароҷоти нигоҳубини онҳо дар ҳолатҳои расонидани зарар ва ё дигар зарари ба саломатӣ расонидашуда, пардохт карда мешаванд;

- аз ҷубронпулӣ барои меҳнате, ки дар шароитҳои зараровар ва ғайриоддӣ, ҳамчунин аз маблағе, ки ба шаҳрвандон, дар натиҷаи офатҳои экологӣ ё таъсири радиатсионӣ, ки дар натиҷаи бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта расонда шудааст;

- аз мукофотпулӣ ва ёрдампулиҳои яквақта, новобаста аз манбаи пардохти онҳо;

- аз кӯмакпулӣ ҳангоми аз кор рафтан ё истеъфои корманд;

- аз ҷубронпулӣ барои рухсатии меҳнатии истифоданашуда (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки рухсатии меҳнатии якчандсолаи истифоданашуда якҷоя карда шудаанд);

- аз кӯмакпулӣ барои дафнкунӣ;

- дигар пардохтҳое, ки мутобиқи қонунгузорӣ хусусияти доимӣ надоранд.

### Моддаи 71. Кам намудани андозаи ситониш аз рӯи ҳуҷҷати иҷро дар асоси аризаи қарздор

1. Иҷрочии суд дар асоси аризаи қарздор ҳуқуқ дорад андозаи ситониши даврагии руёнидашавандаро дар ҳолатҳои зерин кам намояд:

- ба вуҷуд омадани хароҷоти ҷиддии иловагии қарздор, махсусан бо сабаби дармондагӣ, заъифӣ ва ё бемории шахси сеюми ӯҳдадор ё аъзои оилаи ӯ, ки дар таъминоти ӯ мебошанд;

- бад шудани вазъи молу мулкии қарздор бо сабаби маъюбӣ ё расидан ба синни нафақа;

- агар кам кардани андозаи ситониши даврагии руёнидашаванда ба манфиатҳои ситонанда зарари ҷиддӣ нарасонад.

2. Дар бораи кам кардан ё рад намудани кам кардани андозаи ситониши даврагии руёнидашаванда иҷрочии суд қарор қабул менамояд.

## Моддаи 72. Зиёд намудани андозаи ситониш аз рӯи ҳуҷҷати иҷро дар асоси аризаи ситонанда

1. Иҷрочии суд дар асоси аризаи ситонанда ҳуқуқ дорад андозаи ситониши даврагии руёнидашавандаро зиёд намояд, агар вазъи молу мулкии қарздор беҳтар шуда бошад ва ҳаҷми ситониш мувофиқи моддаи 71 Қонуни мазкур кам карда шуда бошад.

2. Дар бораи зиёд намудан ё рад кардани зиёд намудани андозаи ситониши даврагии рӯёнидашаванда иҷрочии суд қарор қабул менамояд.

## Моддаи 73. Ҳимояи суратҳисоби бонкии қарздор

Дар ҳолате, ки агар ба суратҳисоби бонкии қарздор маблағҳое, ки нисбат ба онҳо мувофиқи моддаи 70 Қонуни мазкур ҳабс гузоштан мумкин нест, ворид шаванд, иҷрочии суд аз рӯи аризаи қарздор гузоштани ҳабсро ба суратҳисоб ба андозаи маблағи умумии даромадҳое, ки нисбат ба онҳо гузоштани ҳабс мумкин нест, аз рӯзи гузоштани ҳабс то дафъаи дигари пардохт бекор менамояд.

## Моддаи 74. Аз ҷониби суд муқаррар намудани даромадҳое, ки ба онҳо ҳабс гузошта мешавад

1. Ҳангоми аниқ набудани он, ки ба кадом қисми даромади қарздор ҳабс гузошта мешавад, суд аз рӯи аризаи ситонанда, қарздор ё шахси сеюми ӯҳдадор маблағеро, ки бояд ба ҳабс гирифта шавад, муқаррар менамояд ва дар ин хусус дар мӯҳлати ду ҳафта баъди пешниҳоди аризаи зикргардида қарор кабул менамояд.

2. Аризадиҳанда дар якҷоягӣ бо аризаи худ бояд ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод намояд, ки маблағи ба ҳабс гирифташавандаро тасдиқ намояд.

## Моддаи 75. Иҷрои маҷбурӣ ҳангоми нигаронидани ситониш ба дигар ҳуқуқҳои молу мулкии қарздор

1. Барои иҷрои маҷбурии нигаронидани ситониш ба дигар ҳуқуқҳои молу мулкии қарздор, ки предмети ситониш ба молу мулки ғайриманқул ҳисоб намешавад, қоидаҳои пешбининамудаи боби мазкур татбиқ карда мешаванд.

2. Дар сурати набудани шахси сеюми ӯҳдадор гузоштани ҳабс ба ҳуқуқҳои молумулкии қарздор аз лаҳзаи ба қарздор супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ҳуқуқҳои молумулкӣ бо нишон додани ӯҳдадорӣ ҷиҳати худдорӣ аз амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

## БОБИ 6. ТАРТИБИ НИГАРОНИДАНИ СИТОНИШ БА МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛИ ҚАРЗДОР

### Моддаи 76. Тартиби нигаронидани ситониш ба молу мулки ғайриманқули қарздор

Нигаронидани ситониш ба молу мулки ғайриманқули қарздор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

## БОБИ 7. ИҶРОИ САНАДҲОИ СУДӢ, КИ ҚАРЗДОРРО БАРОИ СОДИР НАМУДАНИ АМАЛҲОИ МУАЙЯН ВА ХУДДОРӢ Ё ТОҚАТ НАМУДАН АЗ СОДИР НАМУДАНИ АМАЛҲОИ МУАЙЯН ӮҲДАДОР МЕНАМОЯД

### Моддаи 77. Иҷрои ҳалномае, ки қарздорро ӯҳдадор месозад, то амалҳои муайянро содир намояд

Агар ҳуҷҷати иҷро ба қарздор ӯҳдадории содир намудани амали муайянеро вогузор намояд ва ӯ талаботи мазкурро иҷро накунад, ситонанда ҳуқуқ дорад бо ариза ба суд оид ба ҷалби қарздор ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ ё ин ки оид ба гирифтани иҷозати содир намудани амали мазкур аз ҷониби худ, агар содир намудани он аз ҷониби дигар шахс мумкин бошад, муроҷиат намояд.

### Моддаи 78. Иҷрои амал аз ҷониби ситонанда ё шахси сеюми ваколатдор аз ҳисоби қарздор

1. Агар ситонанда ба суд бо ариза оид ба гирифтани иҷозат ба содир намудани амале, ки мумкин аст аз ҷониби шахси сеюм иҷро гардад, муроҷиат намояд, суд аризаи мазкурро мутобиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

2. Агар қарздор тасдиқ накунад, ки амали талабшавандаро иҷро намудааст, суд ҳуқуқ дорад ситонандаро ба иҷрои амали мазкур ваколатдор намояд ва бо аризаи ситонанда қарздорро ба додани байъона ӯҳдадор менамояд, агар ситонанда асоснок кунад, ки иҷрои амали мазкур аз ҷониби ӯ бо хароҷоти муайян вобастагӣ дорад. Ситониш оид ба пардохти байъона аз ҷониби иҷрочии суд бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 79. Иҷрои ҳалномае, ки қарздорро ба худдорӣ ё тоқат кардан аз содир намудани амалҳои муайян ӯҳдадор мегардонад

Агар ҳуҷҷати иҷро қарздорро ба худдорӣ ё тоқат кардан аз содир намудани амалҳои муайян ӯҳдадор гардонад ва ӯ талаби мазкурро иҷро накунад, ситонанда ҳуқуқ дорад ба суд бо ариза оид ба ҷалби қарздор ба ҷавобгарии

маъмурӣ ё ҷиноятӣ муроҷиат намояд. Тартиби баррасии аризаи ситонанда тибқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 80. Иҷрои ҳалнома дар бораи аз қарздор кашида гирифтан ва ба ситонанда додани молу мулки манқули муайян

1. Агар ҳуҷҷати иҷро қарздорро ӯҳдадор намояд, ки ба ситонанда молу мулки манқули муайянро диҳад ва ӯ талаботи мазкурро иҷро нанамояд, ин молу мулк аз ӯ аз ҷониби иҷрочии суд кашида гирифта шуда, ба ситонанда дода мешавад.

2. Агар иҷрочии суд молу мулки манқули мазкурро пайдо накунад, қарздор ӯҳдадор аст ба иҷрочии суд маҳалли ҷойгиршавии ин молу мулки манқулро хабар диҳад. Агар қарздор ин имкониятро надошта бошад, ӯ ӯҳдадор аст итминон диҳад, ки ин молу мулки манқулро соҳибӣ намекунад ва маҳалли ҷойгиршавии онро намедонад, инчунин маълумоте, ки ӯ пешниҳод менамояд, мукаммал ва ба ҳақиқат мувофиқ мебошанд, ки ба протокол ворид карда мешавад.

3. Агар қарздор итминони пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкурро иҷро накунад, бо пешниҳоди иҷрочии суд суди маҳалли истиқомати қарздор ӯро ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашад.

### Моддаи 81. Тартиби иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба кӯчонидани қарздор

1. Ҳангоми дар мӯҳлати муқаррарнамудаи иҷрочии суд ихтиёран иҷро накардани ҳуҷҷати иҷро оид ба кӯчонидани қарздор, иҷрочии суд кӯчониданро ба тариқи маҷбурӣ амалӣ менамояд.

2. Иҷрочии суд қарздорро дар бораи рӯз ва вақти кӯчонидани маҷбурӣ расман хабардор менамояд. Набудани қарздоре, ки аз рӯзи кӯчонидан хабардор карда шуда буд, барои иҷрои ҳуҷҷати иҷро монеъ намегардад.

3. Кӯчонидан аз холӣ намудани бинои дар ҳуҷҷати иҷро нишон додашуда, аз кӯчонидашаванда (кӯчонидашавандаҳо), молу мулки он (онҳо), ҳайвоноти хонагӣ ва ба ситонанда супоридани бинои холикардашуда ё ба тартиби муқарараргардида барои нигаҳдорӣ супоридашуда иборат мебошад.

4. Кӯчонидан дар ҳузури шахсони холис ва дар мавридҳои зарурӣ бо мусоидати мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳатман бо барӯйхатгирии молу мулк аз тарафи иҷрочии суд амалӣ карда мешавад.

5. Иҷрочии суд дар мавридҳои зарурӣ нигоҳдории молу мулки қарздорро бо ба зиммаи ӯ гузоштани хароҷоти сарфшуда таъмин менамояд. Молу мулки қарздор дар мӯҳлати на зиёда аз се сол нигоҳ дошта мешавад, пас аз ин мӯҳлат молу мулки мазкур ҳамчун молу мулки бесоҳиб бо тартиби муқарраршуда ба фурӯш бароварда мешавад. Маблағ аз фурӯши молу мулки қарздор ба буҷети давлатӣ равона карда мешавад.

6. Иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба кӯчонидани қарздор аз тарафи иҷрочии суд бо тартиб додани санад оид ба кӯчонидан ба расмият дароварда мешавад.

### Моддаи 82. Тартиби иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудани ситонанда

1. Дар мавриди ихтиёран иҷро накардани ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудан дар мӯҳлати муқаррарнамудаи иҷрочии суд, он аз ҷониби иҷрочии суд ба таври маҷбурӣ амалӣ гардонида мешавад. Маскун намудан ин аз тарафи иҷрочии суд бемамониат таъмин намудани воридшавии ситонанда ба бинои дар ҳуҷҷати иҷро нишондодашуда ва аз истиқомат намудани вай дар ин бино иборат мебошад. Дар ин маврид ба қарздор фаҳмонида мешавад, ки маскун намудан, ба таври маҷбурӣ амалӣ шуда истодааст ва ӯ ӯҳдадор аст барои истиқомати ситонанда (ҳозир буданаш) мамониат накунад.

2. Дар ҳолати мамониат намудани қарздор ба иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудани ситонанда, амалҳои иҷро бо иштироки шахсони холис ва дар мавридҳои зарурӣ бо иштироки мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми минбаъд мамониат намудан ба истиқомати (ҳозир будани) ситонанда амалҳои зикршуда аз нав гузаронида мешаванд ва чораҳои ҷаримавию дигар чораҳои дар моддаи 91 Қонуни мазкур пешбинишуда татбиқ карда мешаванд.

3. Иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудани ситонанда бо тартиб додани санад оид ба маскун кардан аз тарафи иҷрочии суд ба расмият дароварда мешавад.

4. Ҳуҷҷати иҷро ба шарте иҷрошуда ҳисоб карда мешавад, ки агар ба ситонанда имконияти ҳамарӯза бемамониат истифодабарии бинои дахлдор таъмин шуда бошад.

5. Агар баъди тартиб додани санад оид ба маскун кардани ситонанда қарздор боз аз нав барои истиқомати (ҳозир будани) ситонанда мамониат намояд, истеҳсолоти иҷро аз рӯи ҳуҷҷати иҷрошуда мумкин аст аз нав оғоз карда шавад.

6. Ҳангоми барои истиқомати (ҳозир будани) ситонанда мамониат намудани шахсе, ки аз рӯи ҳуҷҷати иҷро қарздор намебошад, масъалаи маскун намудан бо тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

### Моддаи 83. Тартиби кашида гирифтан ва ба ситонанда додани молу мулке, ки дар соҳибияти шахси сеюм мебошад

Агар молу мулки кашида гирифташаванда ва ба ситонанда додашаванда дар соҳибияти шахси сеюм бошад, ки ӯ ба додани он розӣ нест, суд аризаи ситонандаро оид ба кашида гирифтан ва додани ин молу мулк бо тартиби мурофиаи даъво тибқи пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

## БОБИ 8. ТАҚСИМОТИ МАБЛАҒИ ПУЛИИ СИТОНИДАШУДА

### Моддаи 84. Тақсимоти маблағи пулии ситонидашуда

1. Аз маблағе, ки иҷрочии суд аз қарздор ситонидаасту дар навбати аввал ҷаримаҳое, ки дар давоми иҷрои ҳуҷҷати иҷро ба қарздор вогузор карда шудааст, баъд аз он хароҷотҳо вобаста ба иҷро пардохта шуда, сипас маблағи боқимонда барои қонеъ гардонидани талаботи ситонандагон пардохт мегардад. Маблағе, ки баъд аз пурра қонеъ гардонидани тамоми талабот боқӣ мондааст, ба қарздор баргардонида мешавад.

2. Маблағи аз қарздор ситонидашудае, ки ба ситонандагон бояд дода шавад, аз тарафи иҷрочии суд ба суратҳисоби депозитии мақомоти ваколатдор дохил карда шуда, баъд аз он мувофиқи тартиби муқарраршуда дода ва ё гузаронида мешавад, ки маънои баохиррасии истеҳсолотро мефаҳмонад.

3. Маблағҳои ба даромади давлат пардохтшаванда аз тарафи иҷрочии суд бевосита ба суратҳисоби хазинадорӣ гузаронида мешавад.

4. Ҳангоми иҷрои ситониш шахсоне, ки ҳуҷҷатҳои иҷроро аз рӯи парвандаҳои дигар доранд, метавонанд ба ин ситониш то баохиррасии он ҳамроҳ шаванд.

## Моддаи 85. Ситониши навбати аввал

Дар навбати аввал талабот оид ба ситонидани алимент, талабот оид ба ҷуброни зарари ҷисмонӣ ё зарари дигари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин вобаста ба фавти саробон қонеъ гардонида мешаванд.

## Моддаи 86. Ситониши минбаъда

1. Дар навбати дуюм талаботи кормандон, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ бармеоянд ва талабот оид ба пардохти мукофотпулӣ вобаста ба шартномаи муаллифӣ қонеъ гардонида мешавад.

2. Дар навбати сеюм талаботи қарздорон оид ба ӯҳдадорӣ, ки бо гарав таъмин карда шудаанд, дар доираи маблағи таъминот қонеъ гардонида мешавад.

3. Дар навбати чорум талабот оид ба ӯҳдадории пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва талабот оид ба ҷуброни зарар қонеъ гардонида мешавад.

4. Дар навбати панҷум ҳамаи дигар талаботҳо қонеъ гардонида мешаванд.

## Моддаи 87. Ситонидани пардохтҳои иҷро

1. Ҳангоми иҷрои маҷбурии ҳуҷҷати иҷрои хусусияти молумулкидошта аз қарздор ба андозаи ҳафт фоиз аз маблағи ситонидашаванда ва ҳангоми иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷрои хусусияти молумулкинадошта аз қарздор-шаҳрванд ба андозаи панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва аз қарздор-ташкилот ба андозаи панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохти иҷро ситонида мешавад. Дар бораи ситонидани пардохти иҷро иҷрочии суд қарор қабул мекунад (*Қонун аз 21.07.2010 № 610*).

2. Қарор дар бораи ситонидани пардохти иҷро дар ҳолати бори аввал ворид шудани ҳуҷҷати иҷро ба иҷрочии суд қабул карда мешавад. Пешниҳоди минбаъдаи ҳуҷҷати иҷро барои иҷро ба иҷрочии суд мавриди ситонидани пардохти иҷро қарор дода намешавад.

3. Маблағи пардохти иҷро ба фонди инкишофи истеҳсолоти иҷро ворид карда мешавад. Тартиби истифодабарии фонди инкишофи истеҳсолоти иҷро аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

4. Маблағ барои иҷро дар ҳолати қатъ намудани истеҳсолоти иҷро бо сабаби бекор кардани санади судӣ ё санади мақомоти дигар, ки дар асоси он ҳуҷҷати

ичро дода шудааст ва ё ҳуҷҷате, ки тибқи қонун ҳуҷҷати иҷро мебошад, ба қарздор баргардонида мешавад.

5. Қарор дар бораи ситониши пардохти иҷро дар баробари баровардани қарор дар бораи оғози истеҳсолоти иҷро қабул карда мешавад ё ситонидани пардохти иҷро дар қарор дар бораи оғози истеҳсолоти иҷро мумкин аст нишон дода шавад.

## Моддаи 88. Хароҷот оид ба гузаронидани амалҳои иҷро

1. Хароҷот оид ба гузаронидани амали иҷро ин маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки тарафҳои иштироккунандаи истеҳсолоти иҷро барои ташкил ва гузаронидан масраф намудаанд, мебошанд.

2. Ба хароҷот оид ба гузаронидани амали иҷро маблағҳои сарфшудае, ки барои:

- ошкоркунӣ, азназаргузаронӣ, нархгузории молу мулки қарздор;

- ташкил, ба рӯйхат гирифтан ва ҳабси молу мулки қарздор, ҳамлу нақл ва нигоҳ доштани чунин молу мулк;

- фурӯхтани молу мулки ҳабсшуда;

- пардохт намудани хизмати тарҷумонҳо, мутахассисон ва дигар шахсоне, ки мувофиқи тартиби муайянкардашуда барои анҷом додани амали иҷро ҷалб карда шуда буданд;

- хароҷоти наклиётии иҷрочии суд ҳангоми иҷрои амали иҷро;

- хароҷоти почтавию телеграфӣ, алоқаи барқӣ ва дигари коммуникатсионӣ;

- кофтукови қарздор;

- пешпардохти ҳаққи ситонанда;

- дигар амалҳои зарурие, ки дар рафти иҷрои ҳуҷҷати иҷро гузаронида шудаанд, тааллуқ доранд.

## Моддаи 89. Тартиби руёнидани хароҷот оид ба амалҳои иҷро

1. Хароҷоте, ки барои гузаронидани амалҳои иҷро сарф шудаанд, аз қарздор ситонида мешаванд.

2. Ҳангоми қатъ ёфтани истеҳсолоти иҷро дар ҳолати бекор шудани санади судӣ ё санади дигар мақомот, ки дар асоси он ҳуҷҷати иҷро дода шуда буд, хароҷоти оид ба гузаронидани амалҳои иҷро сарфшуда аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ҷуброн карда мешаванд.

3. Дар мавриди қатъ шудани истеҳсолоти иҷро, бинобар бе асос даст кашидани ситонанда аз гирифтани ашёҳои аз қарздор кашида гирифташуда, зимни иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба ситонанда додани онҳо ва ба ӯ баргардонидани ҳуҷҷати иҷро, агар ситонанда бо амал ё беамалии худ барои иҷро монеагӣ карда бошад, хароҷоти вобаста ба гузаронидани амалҳои иҷро сарфшуда аз ҳисоби ситонанда ситонида мешавад.

4. Ситонидани хароҷоте, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ сарф шудаанд, дар асоси қарори суд амалӣ карда мешавад. Ҷуброни хароҷот аз рӯи ҳисоби тартибдодаи иҷрочии суд анҷом дода мешавад.

5. Нусхаи қарор дар муддати се рӯз ба тарафҳо фиристонида мешавад. Ба қарор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар мӯҳлати даҳ рӯз шикоят ё эътироз овардан мумкин аст.

### Моддаи 90. Пешпардохти хароҷот аз тарафи ситонанда

Бо мақсади таъмини иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро ситонанда ҳақ дорад, ки ба суратҳисоби депозитии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷоти заруриеро, ки барои гузаронидани амалҳои иҷро кифоя аст, пешпардохт намояд.

### Моддаи 91. Ҷавобгарии қарздор барои иҷро накардани ҳуҷҷатҳои иҷро

1. Дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ барои иҷро накардани ҳуҷҷатҳои иҷро қарздор ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашида мешавад.

2. Ба ҷавобгарӣ кашидани қарздор ӯро аз ӯҳдадории иҷрои амалҳое, ки дар ҳуҷҷати иҷро пешбинӣ шудаанд, озод намекунад.

### Моддаи 92. Иҷрои санадҳои судӣ ва дигар санадҳо нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд

Иҷрои санадҳои судӣ ва дигар санадҳо нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд мувофиқи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

### Моддаи 93. Иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо)

1. Тартиби иҷро намудани ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо) мувофиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Қонуни мазкур ба амал бароварда мешавад. Варақаи иҷро, ки дар асоси ҳалномаи суди хориҷӣ дода шудааст, аз тарафи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, ки барои иҷрои маҷбурӣ дар муддати се сол аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалнома пешниҳод шавад.

2. Дар ҳолатҳое, ки агар мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигар муқаррар шуда бошанд, он гоҳ қоидаҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд.

### Моддаи 94. Ҳифзи ҳуқуқҳои ситонанда ҳангоми сари вақт аз тарафи ташкилот ба амал набаровардани ситониш аз рӯи ҳуҷҷати иҷро

Ситонанда ҳуқуқ дорад нисбати ташкилот дар бораи ситонидани маблағе, ки бо гуноҳи ӯ аз қарздор ситонида нашудааст, ба суд бо даъво муроҷиат намояд.

### Моддаи 95. Ҳифзи ҳуқуқи шахсони дигар ҳангоми содир намудани амалҳои иҷро

Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс вобаста ба тааллуқдории молу мулке, ки ба он ситониш нигаронида мешавад, шаҳрвандон ва ташкилотҳои манфиатдор ҳуқуқ доранд оид ба озод кардани молу мулк аз ҳабс ё аз рӯйхат баровардани он ба суд бо даъво муроҷиат намоянд.

### Моддаи 96. Қонеъ гардонидани талабот оид ба ҳуҷҷати иҷро

1. Пас аз пурра қонеъ гардонидани талабот оид ба ҳуҷҷати иҷро ситонанда нусхаи ҳуҷҷати иҷрои худро бо тасдиқи имзояш бо ишора оид ба қонеъгардонии ситониш ба иҷрочии суд месупорад.

2. Агар талабот аз ҷониби шахси сеюми ӯҳдадор қонеъ гардонида шуда бошад, ситонанда квитансияро ба шахси сеюми ӯҳдадор низ медиҳад.

### Моддаи 97. Ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани иҷрочии суд

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

1. Ба вазифаи иҷрочии суд шахсе таъин карда мешавад, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дорад.

2. Иҷрочии суд аз ҷониби вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 98. Мукофотонидани иҷрочии суд

1. Иҷрочии суде, ки иҷрои ҳуҷҷати иҷроро ба таври воқеӣ ва сари вақт таъмин менамояд, ба андозаи панҷ фоизи маблағҳои ситонидаи ӯ ё арзиши молу мулк, вале на зиёда аз андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва нисбати ҳуҷҷатҳои иҷрое, ки хусусияти молумулкӣ надоранд, ба андозаи чор нишондиҳанда барои ҳисобҳо мукофотонида мешавад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*).

2. Ҳангоми қисман иҷро намудани ҳуҷҷати иҷро, новобаста аз сабабҳое, ки ба иҷрочии суд вобастагӣ надоранд, мукофот мутаносибан ба маблағи рӯёнидашуда дода мешавад.

3. Маблағи нишондодашуда ба иҷрочии суд аз ҳисоби фонди инкишофи истеҳсолоти иҷро дода мешавад .

## БОБИ 8(1). ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲО ВА КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҶРОЧИИ СУД

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

### Моддаи 98(1). Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иҷрочии суд

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

1. Иҷрочии суд ҳуқуқ дорад:

- вобаста ба иҷрои ҳуҷҷати иҷро маълумоти зарурӣ, аз ҷумла маълумотеро, ки ба сирри тиҷоратӣ, бонкӣ, амалиёти нотариалии баҷоовардашуда мансуб мебошад, аз мақомоти андоз, бонк ва нотариати давлатӣ талаб карда гирад;

- дар ташкилотҳо, новобаста ба шакли моликият, ки қарздор дар он ҷо фаъолият мекунад, иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомотро нисбат ба пардохти маблағҳои пулии дахлдор санҷад;

- бо нишон додани шаҳодатномаи хизматӣ ба бинои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, новобаста ба шакли моликият ва дигар маҳалли ҷойгиршавӣ ё маҳалли истиқоматии қарздор ворид гардад, инчунин молу мулки ӯро аз назар гузаронад;

- барои муқаррар намудани маҳалли ҷойгиршавии молу мулки қарздор баёноти ситонанда, қарздор ва шахси сеюмро гирад ва дар ин хусус протокол тартиб диҳад (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*);

- маълумоти зарурироо оид ба молу мулки қарздор, ки дар ихтиёри шахси сеюм қарор дорад, ҷамъоварӣ намояд (*Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867*);

- вазифаҳои дигареро, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, иҷро намояд.

2. Ӯҳдадориҳои иҷрочии суд:

- маводҳоро ба мақомоти судӣ ва дигар мақомоте, ки барои иҷро ҳуҷҷати иҷроро пешниҳод намудаанд, вобаста ба дароз намудани мӯҳлати иҷро, мавқуф гузоштан, боздоштан, батаъхиргузорӣ, ба давраҳо ҷудо намудан, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои он, инчунин барои дидани дигар чораҳои қонунӣ пешниҳод менамояд;

- ҳуҷҷати иҷроро аз ситонанда ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз суд ё дигар мақомоте, ки онро додааст, барои иҷро қабул намуда, фавран истеҳсолоти иҷроро оғоз менамояд;

- маълумот ва (ё) ҳисоботи омориро оид ба ҳуҷҷатҳои иҷро тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- ӯҳдадориҳои дигареро, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, иҷро менамояд.

3. Иҷрочии суд барои воридшавӣ ба бинои ишғолнамуда ё маҳалли ҷойгиршавии молу мулк ё барои кушодани анбор намояндагони мақомоти корҳои дохилӣ ва шахсони холисро даъват намуда, дар ҳузури онҳо бино ё анборро мекушояд ва аз назар мегузаронад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 98(2). Ӯҳдадориҳои мақомотҳо ва шаҳрвандон оид ба талаботи иҷрочии суд

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста ба шакли моликият ӯҳдадоранд дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурироо, ки аз талаботи иҷрочии суд бармеоянд, пешниҳод кунанд (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 98(3). Ҳатмӣ будани талаботи иҷрочии суд

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

Талаботи иҷрочии суд вобаста ба ҳуҷҷати иҷро барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста ба шакли моликият ҳатмӣ буда, он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бе мамониат ба иҷро расонида мешавад (*Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 610, аз 03.07.2012 № 867*).

### Моддаи 98(4). Ҳифзи ҳуқуқии иҷрочии суд

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

1. Иҷрочии суд ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ намояндаи ҳокимияти иҷроия буда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад.

2. Иҷро накардан ё ин ки монеъ шудан ба иҷрои талаботи қонунии иҷрочии суд, паст задани шаъну шарафи ӯ, таҳдид, истифодаи зӯроварӣ, таҷовуз ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки ӯ, инчунин дигар ҳаракатҳое, ки барои иҷрои вазифаи хизматии ӯ монеъ мешаванд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 98(5). Таъмини амнияти шахсии иҷрочии суд ва хешовандони наздики ӯ

*(Конун аз 21.07.2010 № 610)*

1. Амнияти шахсии иҷрочии суд ва хешовандони наздики ӯ аз таҷовузи ҷиноятӣ ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва молу мулки онҳо, ки ба фаъолияти хизматии ӯ алоқаманд мебошад, аз ҷониби давлат таъмин карда мешавад.

2. Чораҳо доир ба таъмини амнияти шахсии иҷрочии суд ва хешовандони наздики ӯ дар ҳолатҳои мавҷудияти хатар ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки ӯ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад (*Конун аз 21.07.2010 № 610*).

### Моддаи 98(6). Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ва либоси ягонаи хизматӣ ба иҷрочиёни суд

*(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 867)*

Ба иҷрочии суд тибқи тартиби барои кормандони мақомоти адлия ва нотариати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида рутбаи дараҷавӣ дода мешавад. Иҷрочиёни суд тибқи тартиб ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо либоси ягонаи хизматӣ ба тариқи ройгон таъмин карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 610, аз 03.07.2012 № 867*).

## БОБИ 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 99. Ташкили кор, коргузорӣ ва таъминоти моддию техникии фаъолияти иҷрочиёни суд

Ташкили кор, коргузорӣ ва таъминоти моддию техникии фаъолияти иҷрочиёни судро Дастурамали аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, муайян менамояд.

### Моддаи 100. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон намудани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 101. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе,

20 марти соли 2008 № 373

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро"

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев

ш. Душанбе 6 марти соли 2008 № 454

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро"

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" қабул карда шавад.

Раиси

Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.ХАЙРУЛЛОЕВ

ш. Душанбе 27 феврали соли 2008 № 904